# ПОЯНДА БОД, ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 13-14 (113-114) 20-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019, ҶУМЪА

ДАР ИН ШУМОРА:

ТАҚДИМИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ БА УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ с. 2

БА КОР ДАРОВАРДАНИ АГРЕГАТИ ДУЮМИ НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ РОҒУН с. 3

ҲЕҶ НЕЪМАТ БЕҲТАР АЗ ИСТИҚЛОЛ НЕСТ! с. 6

ПОЙГОҲИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ с. 8-9

МУРАББИИ БЕНАЗИР ВА ИНСОНИ КАМНАЗИР с.10

ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ТОҶИКИСТОН с. 14

ОИЛАИ СОЛИМ – МИЛЛАТИ СОЛИМ с. 15



Маҳз истиқлолият имконият фароҳам овард, ки мардуми Тоҷикистон тақдири худро ба даст гирифта, роҳи пешрафти минбаъда ва сарнавиштиояндаи сарзамини аҷдодии хешро мустақилона интихоб намоянд. Ба ин маънӣ, истиқлолият неъмати бебаҳо, мояи ифтихор, манбаи худшиносӣ, сарчашмаи нерубахш ва омили бунёдии таҳкиму тақвияти пояҳои давлатдории миллии мо мебошад.

Истиқлолият барои мардуми куҳанбунёди тоҷик арзиши муқаддасу сарнавиштсоз буда, тахти парчами он хурду бузурги кишвар барои тақвияти пояҳои давлатдории навини худ бо азму талоши ватандӯстона заҳмат мекашанд.

Таърихи башар собит намудааст, ки ҳифзи истиқлолияту озодӣ кори бисёр сангину душвор мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳар фарди бонангу номуси кишвар бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расад ва барои ҳимояи ин дастоварди бузурги таърихӣ ҳамеша омода бошад.

Муҳимтарин вазифаи шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии ҳар як сокини мамлакат, бахусус, наврасону ҷавонон аз он иборат аст, ки Тоҷикистони азизамонро сидқан дӯст доранд ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

Муовини сармуҳаррир:
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
Муҳаррир:
Некрӯз САФАРЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А.
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 907-67-20-20, 938-25-98-28. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Миралӣ СОБИР

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ДАРСИ СУЛҲ

1 сентябри соли 2019 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои маъмурию таълимӣ, меҳмонхона ва хобгоҳи замонавии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифтитоҳ карда, дар чорабинии Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ иштирок намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар саҳни бинои боҳашамати ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонии таълимии навбунёд роҳбарият, устодон, кормандон, магистрантон ва донишҷӯёни Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, самимона истиқбол гирифтанд.

Президенти мамлакат дар даромадгоҳи бино парда аз болои лавҳаи рамзӣ бардошта, бинои нави маъмурию таълимии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифтитоҳ намуданд ва онро дар доираи иҷрои "Нақшаи чорабиниҳои ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" туҳфаи арзандаи Роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишомӯзон арзёбӣ карданд.

Баъд аз ифтитоҳи бинои нави маъмурию таълимии Донишкада Президенти



Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ин рӯйдоди фараҳбахш ва фарорасии Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар ҳузури ҳайати омӯзгорон, кормандон, магистрантон донишҷӯёни ин муассисаи олии таълимӣ суханронӣ намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ҳозиринро бо оғози соли нави таҳсил ва ифтитоҳи бинои нави Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфтанд.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат таъкид доштанд, ки барои тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, афзудани неруи зеҳнӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар хизмати давлатӣ, инчунин, таҳлили илмии сифат ва самаранокии идоракунӣ ва хизмати давлатӣ зарурати баланд бардоштани мақоми ин муассиса ба миён омадааст.

Бинобар ин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Ҳадафи ин иқдомро Сарвари давлат аз тарафи устодони Академия тайёр кардани бехтару босифати касбии кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ва мусоидат кардан ба татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат арзёбӣ намуданд.

Бино ба таъкиди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин иқдом метавонад, инчунин, ба ташкили боз ҳам васеътари давраҳои бозомӯзӣ, такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, ташкили таҳқиқоти бунёдӣ оид ба идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ таконӣ ҷиддӣ бахшад.

**khovar.tj**

# ТАҚДИМИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ БА УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ

29 август дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофотҳои давлатӣ, рутбаҳои баланди низомӣ ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ супориданд.

Қабл аз оғози маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозиринро ба муносибати фарорасии ҷашни 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона шодбош гуфта, изҳор доштанд, ки фаъолияти пурсамар ва содиқонаи фарзандони бонангу номуси миллат ҳамеша қадрдонӣ гардида, заҳмати созандаву бунёдкоронае, ки ба нафъи ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон равона шудааст, аз ҷониби давлат қадрдонӣ карда мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки бистуҳаштсолагии Истиқлолияти давлатӣ бо дастоварду рӯйдодҳои муҳими таърихӣ хотирмон хоҳад буд, зеро ба истиқболи ин рӯйдоди фараҳбахш дар саросари мамлакат корҳои ободкориву созандагӣ вусъат ёфта, аз пойтахти мамлакат то дуртарин гӯшаву канори он боз ҳам ороставу зебо гардида истодаанд.

Соли 2019 барои Тоҷикистони азизамон соли пешравӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла иқтисодиёт, иҷтимоиёт, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, рушди маҳал ва ҷалби сайёҳони хориҷиву дохилӣ ба шумор меравад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими имрӯзаи супоридани мукофотҳои давлатиро имконияти муносиби муаррифии дастовардҳои ҳар як мукофотгиранда ба тамоми сокинони мамлакат маънидод



намуда, изҳори хушҳолии худро аз дидору суҳбат бо мутахассисони касбу кори гуногун, аз ҷумла омӯзгорон, табибон, коргарону сохтмончиён ва соҳибкорон дар байни сарфарозшудагон таъкид доштанд.

Ҳамин тавр, барои дастовардҳои баланди истеҳсолию соҳибкорӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ ва рушди илму фарҳанги мамлакат, саҳми арзанда дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, мубориза бо ҷиноятқорӣ, нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ ва ҷасорату фидокорӣ 160 нафар кормандi соҳаи илму фарҳанг, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон — ордени "Зарринтоҷ" дараҷаи I, ордени "Шараф" дараҷаи II, медали "Ҷасорат", медали "Хизмати



шоиста", медали "Шафқат", медали "Марзбони шуҷои Тоҷикистон", унвони фахрии "Шоири халқии Тоҷикистон", унвони фахрии "Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон", унвони фахрии "Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон", унвони фахрии "Корманди шоистаи Тоҷикистон", Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рутбаҳои навбатӣ ва Ҷоизаи "Исмоили Сомонӣ" қадрдонӣ



шуданд.

Дар миёни сарфарозшудагон бо мукофотҳои давлатӣ мутахассисони касбу кори гуногун, аз ҷумла омӯзгорон, адибон, табибон, аҳли фарҳангу санъат, коргарону сохтмончиён, соҳибкорон, роҳсозон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ буданд.

Боиси хушнудӣ ва сарфарозии устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад, ки 3 нафар аз устодон факултет бо мукофотҳои олии давлатӣ аз ҷониби Пешвои миллат қадрдонӣ гардиданд.

Аз ҷумла, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ Азиззода У.А. бо медали «Хизмати шоиста», муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Фозилов Н.Н. бо медали «Хизмати шоиста» ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ Абдуллоев П.С. бо Ҷоизаи «Исмоили Сомонӣ» мушарраф гардиданд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳи муқаддас Азиззода У.А., Фозилов Н.Н. ва Абдуллоев П.С.-ро бо ин дастовардашон самимона табрик намуда, ба онҳо тансиҳативу хушрӯзӣ, саодатмандию пирӯзӣ, бурдбориҳои беназирро дар ҷодаи илм ва ба хотири пешрафти Ватани азизамон таманно доранд.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

# АГРЕГАТИ ДУЮМИ НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ РОҒУН БА КОР ДАРОМАД

9 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар маросими ба кор даровардани агрегати дуюми Неругоҳи барқи обии Роғун ба шаҳри Роғун ташриф оварданд.



Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар фурудгоҳи муваққатии майдони сохтмон Сарвазири мамлакат муҳтарам Қоҳир Расулзода, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, директори Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи Неругоҳи барқи обии Роғун Хайрулло Сафарзода ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳалли сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун бо ҷараёни корҳо дар нақби сохтмонии СТ-4, нақби нақлиётии Т-9, нақб ва шахтаи ҳаворасон, шахтаи нақби турбинаи агрегати рақами 1, майдончаи сохтмони рақами 5А ва баромадгоҳи нақби сохтмонии СТ-3 шинос шуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносӣ бо рафти корҳо дар қитъаҳои алоҳидаи сохтмон ба сифати кори коргарон баҳои баланд дода, онҳоро ба иҷрои саривақтию босамари тадбирҳои созандагӣ дар неругоҳи барқи обии Роғун ҳидоят карданд.

Инчунин баъди шиносӣ бо ҷараёни корҳои анҷомёфта дар маҳалли сохтмони неругоҳ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар толори агрегатҳо дар вазъияти тантанавӣ агрегати дуюми неругоҳи барқи обии Роғунро ба кор даров静анд.

Ҳамин тавр, 9 сентябри соли 2019 дар таърихи давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол боз як рӯйдоди муҳиму тақдирсоз ба вуқӯъ пайваста, қадами устуворе барои расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ гузошта шуд.

Ёдовар мешавем, ки 29 октябри соли 2016 бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди сарбанди неругоҳи барқи обии Роғун оғоз гардида буд. Ҳамон рӯз, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паси чанбараки булдозер нишаста, расо якуним соат бо пеш кардани сангу шағал маҷрои дарёи Вахшро бастанд ва ба бунёди сарбанди ин неругоҳи азим оғоз бахшиданд.

16 ноябри соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ агрегати якуми неругоҳи барқи обии Роғунро ба кор даровarda, ба фаъолияти ин иншооти бузурги аср, ки ба рушду тараққиёти кишвар такони ҷиддӣ хоҳад дод, оғоз бахшида буданд.

Ҳамон рӯз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳалли сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун иншооти муҳими неругоҳ – хатти баландшиддати интиқоли барқи 500 кВ-и "Душанбе-Роғун" ва дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии неругоҳи барқи обии Роғунро бо 19 дастгоҳи элегазии 500 кВ ва 4 дастгоҳи элегазии 220 кВ ба истифода доданд.

Баъди ба истифода додани агрегати якуми кохи нур вақти зиёде нагузаштааст ва аллакай, то имрӯз дар неругоҳ 570 миллион киловатт-соат неруи барқ истеҳсол гардида, ба низоми энергетикии кишвар интиқол дода шудааст.

Неругоҳи барқи обии Роғун пуриқтидортарин иншооти силсилаи неругоҳҳои рӯди Вахш, аз 6 агрегат иборат аст, ки тавоноии ҳар кадоми онҳо 600 мегаваттро ташкил медиҳад. НБО-и Роғун бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт-соат) калонтарин неругоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд. Ин рақам нисбат ба иқтидори истеҳсолии неругоҳи барқи обии Норак якуним баробар зиёд мебошад.

Ҳар як ташрифи Сарвари давлат ба майдони сохтмони неругоҳ рӯҳияи коргарони ин кохи нурофаринро болида мекард ва баръало мушоҳида мегардид, ки онҳо дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид ба устувору босифат анҷом додани ҳамаи корҳо сармашқ қарор додаанд.

Дар охир, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба кор андохтани агрегати дуюмро ба тамоми мардуми сарбаланди Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол самимона табрик гуфтанд.

# ТАҶЛИЛИ 28-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Санаи 9 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Наврӯзгоҳи пойтахт дар ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори 28-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва оғози кори агрегати дуюми нерӯгоҳи барқи обии Роғун иштирок ва суханронӣ карданд.

Нахуст, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кулли мардуми кишвар ва иштирокчиёни тантанаи идонаро бори дигар ба муносибати солгарди 28-уми Истиқлолияти давлатӣ ва ба фаъолият оғоз кардани агрегати дуюми нерӯгоҳи барқи обии Роғун – чароғи равшани хонадони мардуми Тоҷикистон ва ояндаи дурахшони Ватани маҳбубамон табрику таҳният гуфтанд.

Президенти мамлакат таъкид доштанд, ки бисту ҳашт сол муқаддам халқи куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик ба дастоварди муқаддасу таърихӣ – Истиқлолияти давлатӣ ноил гардид, ки имрӯз мо ин падидаи бузурги таърихи навини халқамонро бо эҳсоси гарми ватандорӣ ва ифтихору сарафрозӣ таҷлил менамоем.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – истиқлолро нишонаи озодиву ҳувияти миллӣ ва мояи ифтихори ҳар як соҳибватан, рамзи саодат ва шарти асоситарини бақои миллат ва давлати тоҷикон арзёбӣ карданд.

Сарвари давлат таъкид доштанд, ки мардуми шарафманди тоҷик ва қувваҳои солими ҷомеаи мо зери парчами нангу номус ва ягонагии миллӣ сарҷамъ шуда, ҷиҳати расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ корномаи бемисл нишон доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кор даровардани агрегати дуюми неругоҳи барқи обии Роғунро падидаи неки созанда ва дастоварди муҳимтарин дар самти боз ҳам афзоиш додани истеҳсоли неруи барқ, таҳкими иқтидори энергетикии мамлакат ва қадами устувори мардуми тоҷик дар ҷодаи таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ маънидод карданд.

Пешвои миллат бо итминон иброз доштанд, ки бунёди ин иншооти бузурги аср солҳои наздик бо кӯшишу ғайрати ватандӯстонаи мутахассисону сохтмончиён муваффақона анҷом меёбад ва ба шарофати он баробари рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ сатҳу сифати рӯзгори мардуми мо нисбат ба имрӯз хеле беҳтар мегардад.

Дар охир бори дигар Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни 28-солагии истиқлолу озодии давлати тоҷикон ва ба фаъолият оғоз кардани агрегати дуюми кохи нури Тоҷикистон – неругоҳи барқи обии Роғунро ба мардуми кишвар ва ҳамватанони бурунмарзӣ муборакбод гуфтанд.




# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

**Таҳти ин унвон санаи 5 сентябри соли 2019 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ифтихори таҷлили 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.**



Мизи мудаввар бо оғозсухани декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. ифтитоҳ гардид. Мавсуф дар ибтидо ҳозиринро бо фаро расидани Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ ва таҷлил аз 28-умин солгарди он самимона табрик намуда, онро дастоварди беназири миллати тоҷик дар масири таърих маънидод намуданд. Қайд гардид, ки Тоҷикистон бо заҳмату талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолӣ ба таври куллӣ симои худро дигар намуд ва ҷомеаи башарӣ онро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дунявию ягона ба расмият шинохт. Аз ин рӯ, вазифаи аввалиндараҷаи ҳар фарди ин сарзамин аз он иборат аст, ки ба қадри Истиқлолияти давлатӣ, оромиву осудагии Ватани азизи худ бирасанд ва онро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд.

Сипас, дар асоси барномаи омодагардида баромадкунандагон ба маърӯза баромаданд. Аз ҷумла, Сангинов Д.Ш. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар мавзӯи «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди соҳаҳои сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва деҳот»; Мирзоев А.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар мавзӯи «Нақши Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ҳалли проблемаҳои обии сайёра» ва Соибов З. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар мавзӯи «Истиқлолияти давлатӣ заминаи рушди асосҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ» баромад намуда, моҳияти онҳоро ба саҳми иштирокчиён расониданд.

Дар фарҷом байни иштирокчиён ва маърӯзачиён табодули афкори судманди ҳозирин сурат гирифт. Изҳори умед карда шуд, ки натиҷаҳои кори мизи мудаввар барои беҳбудӣ бахшидани соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносии ватанӣ нақши созгорро хоҳад гузошт.

**Таҳияи Азимҷон ҶУРАЕВ**

# ҲАМЁНИ ЭЛЕКТРОНӢ



Фируз СУЛАЙМОНОВ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

**Замони муосир бо инкишофи илму техника бояд ифтихор намояд, зеро дар ҳақиқат ҳам истифодаи ин ё он технологияи нав дар қонеъгардонии манфиатҳои шахс васеъ ба роҳ монда шуда, ҳатто ноил шудан ба баъзе ҳадафҳо бе истифодаи технологияи муосир имконнопазир мебошад.**

Вобаста ба ин, инкишофи технологияи муосир дар раванди амалишавии ҳуқуқҳои субъективии иштирокчиёни муносибатҳои алоҳида таъсири худро мерасонад. Зеро, бо инкишофи технологияи муосир, вазъи ҳуқуқии субъекони муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ низ мавриди тағйирёбӣ қарор мегирад. Аз ҷумла, агар пештар субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ дорои ин ё он имкониятҳои мушаххаси «нав» набуданд, пас ҳоло онҳо маҳз бо таъсири инкишофи технологияи муосир дорои як қатор имкониятҳои дигаре гардиданд, ки маҳз бо истифода аз ин технология метавон онҳоро амалӣ намуд.

Яке аз чунин дастовардҳои технологияи навин дар замони имрӯза ин фароҳам овардани имконияти васеи истифодаи маблағҳои электронӣ мебошад. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» маблағҳои электронӣ ин маблағҳо бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ки қаблан аз ҷониби шахси воқеӣ ба таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ пешниҳод шудаанд ва аз ҷониби таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ иттилоот оид ба андозаи пулҳои бе кушодани суратҳисоби бонкӣ додашуда барои иҷрои уҳдадориҳои пулии шахси воқеӣ дар назди шахсони сеюм ба ҳисоб гирифта мешавад.

Хусусиятҳои асосии маблағҳои электронӣ тибқи қонуни дарҷгардида инҳо мебошанд:

1) иштирокчиёни ин муносибат шахси воқеӣ ва таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ мебошанд. Ба хайси таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ танҳо ташкилотҳои қарзӣ метавонанд ширкат варзанд. Вобаста ба ин, ба сифати таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ баромад намудани дигар шахсони ҳуқуқӣ, ба истиснои ташкилоти қарзӣ, мумкин нест;

2) маблағҳои электронӣ ба таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, яъне ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии дигар, бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ қаблан пешниҳод карда шудаанд;

3) таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ бо супориши шахсони воқеӣ – соҳибони ин маблағҳо, маблағҳоро ба дигар шахсон, яъне шахсони сеюм, барои иҷрои уҳдадориҳои пулии соҳибони маблағҳо дар назди ин шахсони сеюм пардохт менамоянд (ба ҳисоб мегиранд). Пас, маълум мегардад, ки маблағҳои электронӣ худ ба сифати иҷрои уҳдадориҳои пулии дорандагони ин маблағҳо дар назди шахсони сеюм равона карда шудаанд.

Вобаста ба ин, имрӯзҳо таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ ин фаъолияти худро васеъ ба роҳ монда, ҷиҳати қонеъ гардонидани манфиатҳои шахсони воқеӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои пулии онҳо дар назди шахсони сеюм, хизматрасонии худро пешниҳод менамоянд.

Маълум мегардад, ки маҳз бо истифода аз технологияи муосир имконият фароҳам оварда шуд, ки шахсони воқеӣ уҳдадориҳои пулии худро дар назди дигар шахсон ба таври муосир иҷро намоянд. Умуман, иҷрои уҳдадориҳои пулӣ худ ҳамчун муносибати байни кредитор (шахси дорандаи ҳуқуқи талабнамоии пардохти маблағҳо) ва қарздор (шахси уҳдадор оид ба пардохти маблағ) бо инкишоф ва рушди технология давраҳои гуногунро паси сар намудааст. Масалан, агар қаблан, то истифодаи васеи шакли ғайринақдии пардохт, яъне истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ, субъектон бевосита шакли нақдиро васеъ истифода мебурданд, пас бо васеъ шудани фаъолияти бонкӣ ва истифодаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, иҷрои уҳдадориҳои пулӣ бо истифода аз маблағҳое, ки қарздор дар суратҳисобҳои бонкии худ дорад, амалӣ мегардад.

интиқол диҳад). Пас, маълум мегардад, ки худ корти бонкӣ ба сифати воситаи дастрасӣ ба маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонкӣ будаи шахсон – дорандагони корти бонкӣ мебошад.

Маблағҳои электронӣ бошад, воситаи нави иҷрои уҳдадориҳои пулӣ буда, барои истифодаи он воситаи нави дигар – ҳамёни электронӣ истифода бурда мешавад. Ҳамёни электронӣ, агар ба таври умумӣ баҳо диҳем, бояд чун шакли таҷассуми маблағҳои электронии шахс мебошад, ки маҳз бо истифодаи ҳамёни электронӣ шахс метавонад маблағҳои электронии худро назорат намояд, интиқол диҳад ва ё бо таври дигар ихтиёрдорӣ намояд.

Бо ибораи дигар ҳамёни электронӣ ин дастрасӣ ба мабалағҳои электронӣ ва воситаи пешниҳоди супориш ба таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ мебошад, ки бо истифодаи он таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ супориши шахсон – дорандагони ҳамёни электрониро оид ба интиқол намудани маблағҳо барои иҷрои уҳдадориҳои ин шахсон дар назди шахсони дигар амалӣ менамоянд.

Саволе ба миён меояд, ки агар



Истифодаи маблағҳои электронӣ бошад, ин қадами дигаре ба пеш буда, барои иҷрои уҳдадориҳои пулии қарздор дар назди кредитор ба таври осон ва бо истифода аз технологияи муосир имкон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки истифодаи маблағҳои электронӣ дар раванди иҷрои уҳдадориҳои пулӣ бояд аз дигар воситаҳои маъмули истифодаи маблағҳои дар суратҳисоббудаи шахс фарқ карда шавад. Масалан, маблағҳои электронӣ бояд аз истифодаи кортҳои бонкӣ, ки имрӯзҳо хеле васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд, фарқ карда шаванд.

Кортҳои бонкӣ бояд ба сифати воситаи истифодаи маблағҳои дар суратҳисоби бонкии шахси воқеӣ, ки дар бонкҳо кушода шудаанд, эътироф мегардад. Бо истифодаи кортҳои бонкӣ шахс метавонад маблағҳои худро аз суратҳисоби худ ба таври нақдӣ гирад, маблағҳои суратҳисоби худро ба фоидаи шахсони сеюм интиқол намояд (масалан, ҳангоми харидорӣ намудани ин ё он мол, шахс бо истифода аз корти бонкии худ ва дар ҳолати мавҷуд будани терминали бонкӣ дар ин мағоза аз суратҳисоби худ маблағҳоро ба суратҳисоби фурӯшанда метавонад

ҳамёни электронӣ низ ба сифати воситаи нави истифодаи маблағҳои пулӣ дар бонкҳо буда бошад, пас ин ҳамён чӣ гуна истифода мешавад? Масалан, агар корти бонкӣ ба шахси воқеӣ бо назардошти муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда пешниҳод шуда, барои истифода аз корти бонкӣ, бонк ба шахс – дорандаи корт рамзи махфӣ (парол)-ро дода ва танҳо ҳангоми дуруст истифода намудани ин рамз дастрасӣ ба маблағҳои пулии дар суратҳисоби шахс буда амалӣ карда шавад.

## ИСТИФОДАИ ҲАМЁНИ ЭЛЕКТРОНӢ ЧӢ ГУНА СУРАТ МЕГИРАД?

Имрӯз яке аз шаклҳои маъмули истифодаи ҳамёни электронӣ ин истифодаи телефонҳои мобилӣ мебошад. Масалан, шахс барои дастрасӣ ба он маблағҳое, ки дар суратҳисоби худ (ин суратҳисоб аз дигар суратҳисобҳои маъмул фарқ дорад!!!) дар ташкилоти қарзӣ дорад, тибқи шартномаи басташуда бо ташкилоти қарзӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор рақами телефони мобилии худро бо ин суратҳисоб пайваст менамояд. Дар ҳолати ин ё он супориши шахси мазкур барои истифодаи маблағҳои электронӣ, ташкилоти қарзӣ дар асоси рақами телефонии шахс дорандаи ин суратҳисобро мушаххас менамояд. Дар асоси мушаххаснамоӣ минбаъд, ҳангоме, ки агар «супориш» маҳз бо истифода аз ин рақами телефонӣ ба ташкилоти қарзӣ пешниҳод карда шавад, маблағҳо интиқол дода мешаванд.

Аммо, ин хусусиятҳои муносибати байни ташкилоти қарзӣ ва шахси воқеӣ – дорандаи ҳамёни электронӣ мебошад. Азбаски ҳамёни электронӣ бахри иҷрои уҳдадориҳои пулии шахс – соҳиби ҳамёни электронӣ дар назди шахси сеюм (масалан, фурӯшандаи ин ё он мол) истифода мешавад, пас дар ин ҳолат шахси сеюм бояд ба муносибати дарҷгардидаи байни ташкилоти қарзӣ ва дорандаи ҳамёни электронӣ «пайваст» карда шавад.

## QR-РАМЗ

Чунин пайвастнамоӣ ҳоло бо истифодаи кодҳои мушаххас (QR-рамз) сурат мегирад. Масалан, вақте шахс дар мағоза маблағро барои харидорӣ намудани мол меҳоҳад пешниҳод намояд, аз ҷониби мағозаҳо якчанд воситаҳои технологии пардохт ба шахс пешниҳод карда мешавад, аз қабили истифодаи кортҳои бонкӣ ва ё ин ки истифодаи ҳамёни электронӣ бо истифода аз QR-рамз. Чунин рамзҳо маҳз аз ҷониби ташкилоти қарзие, ки бо шахс - харидор шартнома барои истифодаи ҳамёни электронӣ бастааст, ба ин шахс ва фурӯшанда пешниҳод мегардад. Дар ҳолати истифодаи ин рамз аз ҷониби шахс маҳз дар нуқтаи ин фурӯшанда, шахс (харидор) ва фурӯшанда аз ҷониби ташкилоти қарзӣ мушаххас карда шуда, маблағ аз суратҳисоби шахс (харидор) ба фурӯшанда интиқол дода мешавад.

Пас, маълум мегардад, ки инкишофи технологияи муосир имрӯз бахри осон намудани иҷрои уҳдадориҳои пулӣ равона карда шуда, амалишавии ҳуқуқҳои субъективӣ ва иҷрои уҳдадориҳои субъективиро осон менамояд.

# РУШДИ АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ



**Зайниддин СОИБОВ**
**н.и.ҳ., устоди кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

Бунёди давлати соҳибистиқлол барои халқи бузурги тоҷик аз ҷумлаи дастовардҳои беназир дар тӯли таърих мебошад, ки натиҷаи талош, ҷоннисориҳо, иттиҳод ва фидокориҳои ин халқ аст. Расидан ба истиқлолияти комили сиёсӣ, имкониятҳои фарохро барои ҶТ дар самти бунёдкориҳо, рушд ва созандагӣ ба миён овард. Гуфтан мумкин кунии давлатӣ таҳия ва қабул гардидааст, ки чун асоси ҳуқуқии ин падида баромад мекунанд.

Ҳуҷҷати асосие, ки бевосита раванди минбаъдаи рушди идоракунии давлатиро муайян намуд, ин Эъломияи Истиқлолияти давлатии ҶТ аз 24 августи соли 1990 мебошад, ки мутобиқи он ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегарданд. Ин муқаррароти ҳуҷҷати номбурда, дар умум замина барои фаҳмиши дурусти идоракунии давлатӣ мебошад, ки принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян намуда, дар низоми он ҳокимияти иҷроияро, ки барандаи асосии идоракунии давлатӣ аст, чун ҳокимияти мустақил эътироф намудааст. Дар ҳақиқат, идоракунии давлатӣ ба мазмуни аслиаш, ин фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, махсусан мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад, ки бештар дар иртибот бо эътирофи принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дуруст дарк карда мешавад.

Қабули Конститутсияи ҶТ заминаи асосӣ ва устувор шудаанд.

Қонунҳои конститутсионӣ дар танзими муносибатҳои марбут ба идоракунии давлатӣ, махсусан мақомоти идоракунии давлатӣ нақши хеле муҳим доранд. Аз ҷумла, Қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Ҳукумати ҶТ», «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва «Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон». Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур дар замони соҳибистиқлолии ҶТ таҳия гардида, ин мақомотро ҳамчун мақомоти идоракунии давлатӣ ба низом медароранд.

Дар баробари Қонунҳои конститутсионӣ дар ҶТ як қатор қонунҳо ва кодексҳо амал мекунанд, ки ба ташкил ва фаъолияти мақомоти алоҳидаи ҳокимияти иҷроия марбутанд. Чунончӣ, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи милитсия», «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ», Кодексҳои гумрук, андоз ва ғ.

Ҳамчунин, қонунҳое амал менамоянд, ки ба амалинамоии идоракунии давлатӣ алоқамандӣ доранд. Ба монанди Қонунҳои ҶТ «Дар бораи хизмати идоракунии давлатӣ ба мазмуни аслии маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки субъекти амаликунандаи он мақомоти ҳокимияти иҷроия аст, муайян гардидааст.

Дар баробари қонунгузории зикршуда, ҳамчунин як қатор ҳуҷҷатҳои сиёсию ҳуқуқӣ ба идоракунии давлатӣ бахшида шудаанд. Яке аз ҳуҷҷатҳое, ки бевосита ба раванди ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дахл дошт, ин «Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии ҶТ» мебошад, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 марти соли 2006, №1713 тасдиқ гардидааст. Ҳарчанд ки Стратегияи мазкур барои солҳои 2005-2015 амал карда буд, аммо нақши он дар рушд ва такмили идоракунии давлатӣ ниҳоят калон буд. Ин ҳуҷҷат дар даврони соҳибистиқлолии кишвар яке аз аввалин ҳуҷҷатҳое буд, ки идоракунии давлатиро дар сатҳи давлатӣ муаррифӣ намуд. Новобаста аз он ки Стратегияи номбурда дар такя бо соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таҳия ва тасдиқ гардида буд, мазмуни идоракунии давлатӣ тибқи он дар сатҳи зарурӣ ҷанбаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ моянд, ин Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 мебошад, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ гардидааст. Стратегияи мазкур масъалаҳои гуногунро фаро мегирад, ки яке аз онҳо идоракунии самаранок мебошад. Тибқи ин ҳуҷҷат идоракунии давлатӣ ба маънии васеъ пешбинӣ гардидааст. Яъне, идоракунии давлатӣ на танҳо фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, ҳамчунин фаъолияти дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, махсусан мақомоти ҳокимияти судӣ низ мебошад. «Таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, такмили раванди судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат, таъмини волоияти қонун ва адолат...» аз ҷумлаи муқарраротҳое мебошанд, ки дар ин Стратегия пешбинӣ гардидааст, ки тасдиқи фаҳмиши васеи идоракунии давлатӣ аст. Новобаста аз ин, Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 самтҳои асосии

аст, ки баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, марҳилаи сифатан нави рушди ҷамъият ва давлат шурӯъ гардид, ки ҶТ дар ин раванд, роҳи нави тараққиётро интихоб намуд. Фазои ҷамъиятӣ дар ин айём комилан тағйир ёфта, муносибатҳои нав ба нав зуҳур гардиданд, ки аксарияти онҳо барои ҷомеаи Тоҷикистон ҷадид буданд.

ҶТ дар замони соҳибистиқлолии хеш ба дастовардҳои хеле бузург мушарраф гардидааст, ки ба манфиати давлату ҷомеа ва халқи Тоҷикистон равона мегарданд. Яке аз дастовардҳои муҳимми ин замон, ин дар сатҳи зарурӣ рушд ва ташкили идоракунии давлатӣ мебошад. Воқеан, идоракунии давлатӣ дар давраи соҳибистиқлолии ҶТ дар шакл ва фаҳмиши нав бунёд гардида, давра ба давра такмилу рушд ёфтааст.

Идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол пайваста зери таваҷҷуҳи роҳбарияти кишвар қарор дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 16 апрели соли 2005 қайд намуда буданд, ки яке аз самтҳои муҳимми таъмини рушди мамлакат ислоҳоти идоракунии давлатӣ мебошад, ки дар доираи он чораҳои гуногун истифода мегардад.

Асосҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ маҳз дар ин раванд инкишоф ёфтааст, ки паҳлуҳои алоҳидаи онро муқаррар, танзим ва муайян менамоянд. Яъне, дар давраи Истиқлолияти давлатӣ санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои танзимкунанда ва муайянкунандаи идорари рушди идоракунии давлатӣ мебошад. Конститутсияи ҶТ чун қонуни асосии кишвар муносибатҳои махсусан муҳимми ҷамъиятиро муқаррар менамояд, ки сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқӣ шумурда мешавад. Дар қатори дигар муносибатҳо ва падидаҳо идоракунии давлатӣ низ ба таври умум аз Конститутсияи ҶТ ибтидо мегиранд. Ибораи идораи давлатӣ дар моддаи 27 оварда шудааст, аммо дар ин меъёри конститутсионӣ категорияи мазкур ба мазмуни конститутсионӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст, ки моҳиятан фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро дар назар дорад. Ба таври мушаххас агар назар афканем, дар Конститутсияи ҶТ ба ҷои «идоракунии давлатӣ» «ҳокимияти иҷроия»-ро мавриди истифода қарор додааст. Яъне, дар моддаи 9 ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳокимияти иҷроия яке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ муайян гардидааст.

Ҳамчунин, Конститутсияи ҶТ ҳолати ҳуқуқии як қатор мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки чун мақомоти идоракунии давлатӣ баромад мекунанд, мустаҳкам намудааст. Ба монанди, қисматҳо ва меъёрҳои алоҳидаи ин санад ба Ҳукумати ҶТ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бахшида шудаанд. Аз ин хотир, Конститутсияи ҶТ чун асоси ҳуқуқии идоракунии давлатӣ баромад намуда, меъёрҳои он хусусияти бунёдӣ ва заминавӣ доранд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ягон санади меъёрии ҳуқуқии кишвар мафҳуми идоракунии давлатӣ муқаррар нагардидааст. Аммо, санадҳои зиёде амал мекунад, ки мазмунан ба ташкилу фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ бахшида



давлатӣ», «Дар бораи хизмати дипломатӣ» ва ғ. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба раванди амалӣ намудани ваколатҳои ҳокимиятии мақомоти идоракунии давлатӣ алоқаманд буда, инъикосгари фаъолияти амалии мақомоти идоракунии давлатӣ мебошанд.

Дар ҶТ аз 16 апрели соли 2012 №828 Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ» амал мекунад, ки вазъи ҳуқуқии мақомоти идоракунии давлатӣ, яъне мақомоти ҳокимияти иҷроияро танзим мекунад. Қонуни мазкур санади меъёрии ҳуқуқии инъикоскунандаи идоракунии давлатӣ мебошад. Дар қонуни номбурда мафҳуми идоракунии давлатӣ пешбинӣ нагардидааст, вале идоракунии давлатиро тобиши маъмурӣ-ҳуқуқӣ додааст. Яъне, дар он ба сифати мақомоти идоракунии давлатӣ мақомоти ҳокимияти иҷроия муқаррар гардидааст. Аз Қонуни зикршуда бар меояд, ки дорад. Зеро, аз мазмуни ин ҳуҷҷат бармеояд, барандаи асосии он мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад. Масалан, дар он муайян шудааст, ки «муваффақияти татбиқи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, ки асосан ба ислоҳоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дахл доранд, инчунин аз бисёр ҷиҳат ба такмили шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ ва судӣ зич алоқаманд аст». Бинобар ҳамин, Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии ҶТ дар муайяннамоии ҷойгоҳи идоракунии давлатӣ ва аҳамияти он дар кишвар нақши муҳим ва созанда дошт.

Дар шароити муосир бошад, ҳуҷҷати махсус амал мекунад, ки ба мисли Стратегияи дар боло зикршуда рушд ва тақвияти идоракунии давлатиро муайян менамояд, ин Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ... рушди идоракунии давлатиро бо иштироки мақомоти ҳокимияти иҷроия муайян намуда, функсияҳои гуногуни идоракунии давлатиро (хусусан, дар Стратегияи номбурда асосан функсияи пешгӯии идоракунии давлатӣ инъикос гардидааст) дар худ таҷассум намудааст.

Дар маҷмӯъ, гуфтан ҷоиз аст, ки шарафёбгардӣ ба Истиқлолияти давлатӣ тағйироти куллиро дар соҳаҳои дахлдори ҳаёти ҷамъиятӣ, аз қабили идоракунии давлатӣ ба миён овард. Идоракунии давлатӣ чун фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар ин раванд, ба маҷрои нав ҳаракат намуд ва асосҳои ҳуқуқии он мукаммал гардиданд. Фаҳмиши воқеии идоракунии давлатӣ (ба мазмуни маъмурӣ-ҳуқуқӣ) дар ин давра дар қонунгузории кишвар дар сатҳи дахлдор ба миён омад, ки ин ба рушди ҳуқуқи маъмурӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар мусоидат менамояд.

**Имрӯз ҳар як тоҷик аз он ифтихорманд аст, ки соҳиби ватани озод ва давлати мустақили хеш аст. Вале агар ба саҳифаҳои таърихи миллати хеш назар афканем, мебинем, ки дар тамоми давру замонҳо равшанфикрони миллати мубориз тоҷик орзуи озод будан ва ташкил намудани давлати мустақили хешро доштанд. Ҳатто барои расидан ба мақсади хеш ба муборизаҳои беамон бар зидди аҷнабиён бархоста, ҷонбозиҳо кардаанд, ки бо ин мардонагии худ исмашонро дар саҳфаҳои таърих бо хатти заррин навишта кардаанд. Сад афсӯс, ки ба бисёре аз ин мардони асилу ватандӯст муяссар нагашт, ки давлати мустақилу озод ташкил намоянд. Ҳамин гуна бо амри тақдир дар ин ҷода бо як ҷаҳон орзуҳои амалӣ нагашта қурбон шудаанд.**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – АРЗИШИ МУҚАДДАСУ САРНАВИШТСОЗ



**Исроил САЛОМОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**



Билохира, орзуҳои нуҳуфтаи миллати тоҷик ва фарзандони фарзонаи он ҷомеа амал ба бар кард ва даҳаи охири асри XX тоҷикон соҳиби давлати мустақили хеш гардиданд. Кишвари азизамон соҳибистиқлол гардид. Бо баробари соҳибистиқлол гардидан нотавонбинони давлат бо ҳар роҳу васила кӯшиш менамуданд, ки онро аз байн баранд ва ин миллатро аз харитаи сиёсӣ нест намоянд. Маҳз чунин талошҳои онҳо боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар гардид, ки ба аҳолии мамлакат ва миллати тоҷик хисороти бузурги ҷониву молиро ба вуҷуд овард. Маҳз бо мақсади ба эътидол овардани вазъ дар мамлакат Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ дар мамлакат баргузор карда шуд. Иҷлосияи мазкур дар ҳаёти кишвар гардиши куллиро ба вуҷуд оварда, дар инкишофи давлатдории навини тоҷикон нақши муҳимро бозида, минбаъд тантанаи қонунро дар мамлакат таъмин намуд. Дар Иҷлосия барои ба эътидол овардани ҳолати ноороми мамлакат раҳонидани он аз буҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин барои созиш овардан тарафҳои даргир 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун қабул карда шуд. Бояд зикр намоем, ки қонуну қарорҳои қабулкардашуда аз як тараф барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар ва аз тарафи дигар барои мусоидат ба пешрафти иқтисодиёт нигаронида шуда буданд. Бо ин назардошт, дар кишвар як қатор қонунҳои муҳимме қабул гардиданд, ки баҳри оромиву осудагии давлат нигаронида шуда буданд.

Дар шароите, ки ҷаҳонро омилҳои манфии ҷаҳонишавӣ таҳдид менамояд ва хатари аз байн рафтани расму оин ва анъанаҳои миллӣ то рафт бештар мегардад, моро мебояд нисбат ба масъалаи мазкур бетарафӣ зоҳир нанамоем. Ба қадри озодиву ободӣ ва якпорчагии марзу буми аҷдоди худ бирасем.

Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Аз ин рӯ, моро мебояд ба қадри Истиқлолияти миллати хуб бирасем ва нагузорем то ба он халале ворид гардад. Онро мебояд чун гавҳараки чашм нигоҳ дошт. Зеро таҷрибаи давлатҳои муосир, ки дар онҳо низоъҳои гуногун ҷой доранд, аз давлатҳои дигар, махсусан Тоҷикистон тақозо менамоянд, ки ҳарчи бештар ба мустаҳкам намудани чораҳои амниятӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва аз шаҳрвандон аз даст надодани зиракии сиёсиро беш аз пеш тақозо менамояд. Мутмаин бар онем, ки халқи шарафманди тоҷик ба қадри озодиву оромӣ, якпорчагии марзу буми аҷдодии худ мерасад ва онҳо ҳамеша чун ҷисму ҷони худ ҳифз менамояд.

Омодагӣ ба истиқболи ҷашни истиқлолият баёнгари ҳисси ватандӯстию масъулиятшиносӣ барои ҳар як сокини ҶТ мебошад. Ҳар шахсе, ки ҳиссу номуси ватандӯстӣ дорад ва худро фарзанди ҳамин сарзамин медонад, аз ин маъракаи таърихии ҳаёти кишвар барканор нахоҳад монд.

# ҲЕҶ НЕЪМАТ БЕҲТАР АЗ ИСТИҚЛОЛ НЕСТ!

**Бисту ҳашт сол муқаддам воқеаи бениҳоят нодир ба сари миллати сарсабзи тоҷик ба амал омад. Тоҷикистони азиз соҳиби истиқлолияти комил гардида, минбаъд мардуми шарифи он ҳамқадам бо Пешвои миллати худ қадамҳои устуворро барои рушди кишвари маҳбуб мегузоранд. Истиқлолият пойсутуни асосии ба вуҷуд омадани давлати миллиро гузошта, сабабгори эътирофи давлат дар арсаи байналмилалӣ гардид.**



**Илоҳиҷон НАСРИДДИНОВ**
**мутахассиси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

24 августи соли 1990 Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии ҶТ дар бораи истиқлолияти ҷумҳурӣ эъломия қабул кард. Моддаи аввали эъломия муқаррар намуд, ки «ҶТ давлати мустақили демократии ҳуқуқбунёд мебошад». Ҳамин тавр, рӯзи 9 сентябри соли 1991 расман рӯзи истиқлолияти ҶТ эълон гардид. Аз ҳамон вақт то имрӯз, ин санаи муборак барои миллати тоҷик иди муқаддас маҳсуб мешавад. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз овардааст.

Бо мурури вақт, миллати мо аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангин гузашта бошад ҳам, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳуввияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгирашро нигоҳ доштааст.

Маҳз истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем.

Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид. Дар як вақт, истиқлолият ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

Барои мо истиқлолият нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои миллат, рамзи асолату ҳуввият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки бисту ҳашт сол қабл аз ин, нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати истиқлолият барои мо имконият фароҳам омад, ки роҳи имрӯзу фардои миллат ва



пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем.

Бинобар ҳамин, давлате, ки соҳибистиқлол аст, метавонад ояндаи дурахшон ва пешрафти бонизом дошта бошад.

Аз ин рӯ, моро мебояд ин ганҷинаи ноёбро чун гавҳараки чашм эмин нигоҳ дорем ва ба қадри озодиву ободии Ватани азизи худ бирасем.

**Яке аз масъалаҳои муҳимми назария ва амалияи ҳуқуқиро дар мурофиаи ҷиноятӣ кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Дар заминаи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ маънидод гардида, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Имрӯз ҳар давлате, ки худро соҳибистиқлолу соҳибихтиёр эълон намудааст, бахри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд ҳама чораҳои заруриро андешад ва Тоҷикистон низ дар ин масъала бетараф нест. Яке аз роҳҳои асосии амалигардонии ҳуқуқи инсон дар ҶТ меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба шумор меравад. Дар кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ принсипҳои зиёд оварда шудааст, ва яке аз онҳо принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ принсипҳои зиёдеро муқаррар намудааст, вале принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мақому манзалати махсусро доро мебошад. Аз ин рӯ принсипи мазкур дар бисёре аз санадҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба таври возеҳу равшан инъикос гардидааст.**



**Мирали СОБИРОВ**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

# ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ

## МОДДАИ 20-И КОНСТИТУТСИЯ – ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ

Дар Конститутсияи ҶТ эҳтимолияти бегуноҳӣ дар боби дуюми он "ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд" пешбинӣ гардида мақсаду моҳияти он бахри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст. Мутобиқи моддаи 20-и Конститутсия «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад». Принсипи мазкурро ба назар гирифта шахсони пешбарандаи таъқиботи ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бояд ҳамачониба, холисона ва пурра ҳолатҳои корро омӯзанд. Зеро ҳангоми ба эътибор нагирифтани принсипи мазкур ҳаёти инсон зери хатар монда, эҳтимоли аз озодӣ маҳрум гардидани шахс ба миён меояд. Эҳтимолияти бегуноҳӣ мавкеи шахсро аз лаҳзаи дастгир шудан то замони баромадани ҳукм аз ҷониби суд ҳамчун бегуноҳ нигоҳ медорад. Вале бояд зикр намуд, ки пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм низ шахс метавонад бегуноҳии худро тавассути механизмҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон исбот намояд. Имрӯзҳо ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон дар ҳоли рушду инкишоф қарор дорад, ки бештар бо 2 роҳ ба амал бароварда мешавад: а) тахия ва қабул намудани санадҳои умумӣ ва махсус оид ба таҳким ва мустаҳкам намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон; б) аз ҷониби давлатҳо таъсис додани механизми махсус оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

## ПРИНСИПИ МАЗКУРРО БОЯД БА ЭЪТИБОР ГИРИФТ

Имрӯз ҳар давлате, ки роҳ ба сӯи давлати соҳибихтиёру мустақил ва демокративу ҳуқуқбунёдро касб намудааст, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар мадди аввал мегузорад ва кафили ҳуқуқу озодиҳояш ҳамчун арзиши олӣ ба ҳисоб меравад. Бояси таассуф аст, ки то ҳанӯз давлатҳое вуҷуд доранд, ки амали принсипи мазкурро ичозат намедиҳанд ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тавассути қонунгузорӣ пешбинӣ накарда, онро барои шаҳрвандони худ раво намебинанд, ки боиси нигаронист. Дар ин гуна давлатҳо ҳар шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят дастгир мегардад, аллакай гунаҳгор ҳисобида мешавад ва кафолати озодии шахсро давлат муқаррар наменамояд, ки ба андешаи мо чунин нуқтаи назар қобили қабул набуда, пурра ғалат аст. Чунки дастгир намудани шахс ҳанӯз гунаҳгор будани ӯро нишон намедиҳад. Ягона мақомоте, ки шахсро гунаҳгор эълон менамояд ин мақомоти суд аст



Чуноне ёдовар гардидем принсипи мазкурро Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ низ ҳамаҷониба муқаррар намудааст ва яке аз бандҳои он ин аст, ки айбдоршаванда уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд, вале ин маънои онро надорад, ки айбдоршаванда ва судшаванда барои бегуноҳии худро исбот намудан аз ҳуқуқи иштирок дар чараёни исботкунӣ маҳрум мебошад. Шахсони зикргардида дар рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ метавонанд ҳама роҳу воситаҳое, ки қонун ичозат додааст истифода бурда, бегуноҳии худро исбот намоянд. Мутобиқи принсипи мазкур аз ҷониби муфаттиш эълон намудани айб ва аз ҷониби прокурор тасдиқ гардидани фикри айбдоркунӣ низ ҳанӯз маънои онро надорад, ки шахс дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор аст. Воқеан, атрофи проблемаҳову масъалаҳои принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ баҳси доманадор аст ва дар адабиётҳои ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи мазкур андешаҳои мухталиф ҷой доранд.

Тавре зикр намудем, мақсади принсипи мазкур ба амал баровардани адолати судӣ ва поймол нагардидани ҳуқуқи инсон мебошад. Бо ин назардошт, як қатор талаботҳо ҳаст, ки бояд онҳо сарфи назар карда нашаванд. Ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бояд ба муносибати яктарафа роҳ дода нашавад; суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда уҳдадоранд, ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои зарурии дар қонун пешбинишударо андешанд; ҳолатҳои сафедкунанда, сабуккунанда ва вазнинкунандаи шахси ҷиноят содир карда муқаррар карда шавад; аз ҷониби айбдоршаванда пешниҳод нагардидани далел боиси гунаҳгор донистани ӯ намегардад, вазифаи исботи айб ба зиммаи шахсе вогузор карда шудааст, ки функсияи айбдоркуниро иҷро менамояд. Ин функсия дар тафтишоти пешакӣ ба муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор ва дар суд бошад ба прокурор ва айбдоркунандаи хусусӣ вогузор карда шудааст.

## ИСБОТИ АЙБ БА ЗИММАИ ШАХСЕ ВОГУЗОР КАРДА ШУДААСТ, КИ ФУНКСИЯИ АЙБДОРКУНИРО ИҶРО МЕНАМОЯД

Ҳукми айбдоркунӣ набояд бо тахмин асоснок карда шавад. Ҳангоми тахмин намудан ва ҷамъоварӣ нанамудани асосу далелҳои зарурӣ нисбати шахс бояд ҳукми сафедкунанда бароварда шавад. Ин меъёрро Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ низ дар худ таҷассум гардонидааст, ки ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок намудан мумкин нест ва ҳама гуна шубҳаҳое, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ бартараф карда намешаванд ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешаванд. Дар хусуси муносибат бо гумонбаршуда низ ҳаминро хотирнишон бояд сохт, ки муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор бояд хеле бодиққат бошанд ва бо шахси дастгиршуда ҳамчун шахси бегуноҳ муносибат намоянд, зеро гумонбар будану айбдор намудани ӯ ҳанӯз маънои гунаҳгор будани шахсро нишон намедиҳад, то он даме ки ҳукми суд оиди гунаҳгор будани ӯ ба қувваи қонунӣ надарояд. Суд ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда бояд комилан итминон дошта бошад, ки шахс дар воқеъ гунаҳгор аст ва дар ҳукми ӯ набояд шубҳа дида шавад. Ҳамчунин муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор то оғоз гардидани мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳуқуқ надоранд, ки ба воситаҳои ахбори омма оиди гунаҳгор будани шахс ва ё чӣ гуна ҷазову чанд сол аз озодӣ маҳрум шудани ӯ ягон маълумоте диҳанд, чунки худи истилоҳи эҳтимолият ин шубҳа кардан, тахмин намудан ва ё фарз кардан аст, яъне эҳтимол меравад, ки шахс гунаҳгор аст ва мумкин аст нисбати ӯ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳукми сафедкунанда бароварда шавад. Масалан, агар прокурор то оғози мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ВАО маълумоти дақиқ диҳад, ки шахс дар содир намудани ҷиноят яқинан гунаҳгор аст ва ӯро аз 5 то 10 сол ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ интизор аст, пас бегумон ҳуқуқи инсон поймол мегардад. Ҳатто ҳангоми киноя намудан низ дар хусуси оне ки шахс гунаҳгор аст боиси поймол намудани ҳуқуқҳои инсон мегардад. Таҷрибаи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон низ изҳороти шахси мансабдори босалоҳияти ҳокимияти давлатиро оид ба гунаҳгории гумонбаршуда (айбдоршаванда) то ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд чун вайронкунии эҳтимолияти бегуноҳӣ баҳо медиҳад.

## ҲУКМИ АЙБДОРКУНӢ НАБОЯД БО ТАХМИН АСОСНОК ШАВАД

Ҳамин тариқ, эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи таъминсозандаи ҳуқуқи инсон буда, намегузорад, ки шахс бе асосу далелҳои қонунӣ дастгир ва ё ба ҳабс кашида шавад. Ҳангоми сарфи назар намудани принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ ҳуқуқу озодиҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда поймол гардида нобоварӣ нисбати мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура, суд ва ҳамчунин давлат зиёд мегардад.

Аз ин рӯ, принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мақомоти таъқиби ҷиноятиро вазифадор менамояд, ки ҳама далелҳои зарурӣро барои гумонбар будану айбдор намудани шахс ҷустуҷӯ ва ҷамъ намоянд. Дар сурати дарёфт нанамудани маълумоту далелҳои кофӣ ва исбот нагардидани гуноҳи шахс дар содир намудани ҷиноят принсипи мазкур кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

# ПОЙГОҲИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ

## КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 14 МАРТИ СОЛИ 1994 ТАЪСИС ЁФТ



Менглиев Шомурод - д.и.ҳ., профессор



Раҷбов М.Н. - н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедра



Бобозода У.Х. - н.и.ҳ., дотсент



Қодирқулов Х.Р. - н.и.ҳ., дотсент



Қодиров Н.А. - ассистент

Истиқлолияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд, ки ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардида, ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба мисли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва беш аз 50 созмонҳои байналмилалию минтақавӣ пазируфта шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамуда сиёсати ҳуқуқии хориҷии худро дар асоси меъёру принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ менамояд.

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба эҳтироми бечуну чарои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфта, ҷиҳати ноил шудан ба ҳадаф ва манфиатҳои миллӣ равона гардида, ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судмандро бо кишварҳои дунё, созмонҳои байналмилалию минтақавӣ тақозо менамояд. Бо чунин назардошт самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистонро дипломатияи дуҷониба, бисёрҷониба, иқтисодӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи об, фарҳангӣ, башардӯстона ва иттилоотӣ ташкил медиҳад.

Мусаллам аст, ки амалӣ гардонидани сиёсати босуботи хориҷӣ аз сатҳи касбияти мутахассисони соҳаи байналмилалӣ ва дуруст ба роҳ мондани таълимоти илми ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии зич дорад.

Зарурати таъсиси кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ин ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, рушди муносибатҳои хориҷии ҶТ бо кишвару созмонҳои байналмилалӣ ва пазироии он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ чун узви комилҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин зарурати ногузири тайёр намудани ҳуқуқшиносони сатҳи байналмилалӣ ҳисоб мешавад. Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ соли 1993 шуъбаи «муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқ)» таъсис намуд, ки аз рӯи ихтисоси 24010100 – мутахассиси ҳуқуқи байналмилалӣ тайёр намояд. Чунин омил ба зарурати ташкил кардани кафедра замина гузошт, ки то шуъбаи мазкурро аз ҷиҳати илмиву методӣ ва таълимӣ роҳбарӣ намояд. Ҳамин гуна тахассусгоҳ – кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ гардид, ки он бо қарори Шурои илмии ДМТ аз 14 марти соли 1994 таъсис ёфт, ки яке аз нахустин марказҳое, ки ба таълиму тадқиқоти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар кишвар машғул буда, ҳисоб мешавад. Аз моҳи декабри соли 1994 то 6 марти соли 2012 роҳбарии кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ба зиммаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, шодравон Менглиев Шоҳмурод буд, ки ҳамчун роҳбару роҳнамои устодони кафедра дар омодакунии рисолаҳои номзадӣ, баҳри пешрафти кафедра саҳми беназир гузошта аст.

Дар ибтидо дар кафедра 4 омӯзгор – як доктори илми ҳуқуқ, 3 ассистент ва 1 лаборант машғули кор буданд. Сипас, дастпарварони факултет Қараев Н., Бобозода У.Х., Қодирқулов Х.Р., Салибоева Н.А., Сулаймонов Ф.С., Салихов З.И., Мирзоев А.М., Абдухолиқзода А.М., Идизода Ф.Ф., Саидов Ҳ.Х., Қурбонов Ҷ.С., Қодиров Н.А., Саломов И.И., Раҳмонзода Ш.Қ., Хуҷамардова М.Т., Одинаева Н.Ҳ., Тоҳиров Ғ. ба ҳайси устодони кафедра шомил гаштаанд.

Аз 6 марти соли 2012 то имрӯз маъулияти иҷрои вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалиро – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҷабов Маҳмадёр Носирович ба зимма дорад. Имрӯз ҳайати кафедраро 6 дотсент, 8 номзади илмҳои ҳуқуқ – Раҷабов М.Н., Қодирқулов Х.Р., Сулаймонов Ф.С., Мирзоев А.М., Саидов Ҳ.Ҳ., Бобозода У.Х., Идизода Ф.Ф., Тоҳиров Ғ., муаллими калон



# БАЙНАЛМИЛАЛӢ


Идизода Ф.Ф. - н.и.ҳ., дотсент


Сулаймонов Ф.С. - н.и.ҳ., дотсент


Мирзоев А.М. - н.и.ҳ., дотсент


Салихов З.И. - муаллими калон


Саидов Ҳ.Х. - н.и.ҳ., дотсент


Саломов И.И. - ассистент


Хуҷамардова М.Т. - ассистент


Одинаева Н.Ҳ. - ассистент


Одинаева З.Ҷ. - лаборант

– Салихов З.И., 4 ассистент – Қодиров Н.А., Саломов И.И., Хуҷамардова М.Т., Одинаева Н.Ҳ. ва лаборант Одинаева З.Ҷ. ташкил медиҳанд. Боиси ифтихор аст, ки устодони кафедра н.и.ҳ., дотсент Бобозода У.Х. ба ҳайси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ ва н.и.ҳ., дотсент Идизода Ф.Ф. дар вазифаи Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолият доранд.

Мушкилии асосии кафедра дар ибтидо нарасидани устодони соҳибунвон, таъмин набудани ҷараёни таълим бо дастуру барномаҳои таълимӣ буд. Аз ин нигоҳ, таваҷҷуҳи асосӣ интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо ва таъмини ҷараёни таълим буд, ки ба кафедра ба кор қабул шудани як зумра ҷавонони боистеъдоду фарҳангӣ аз ҳисоби хатмкунандагони факултет, ки новобаста аз ногуворию мушкилиҳо то имрӯз бо касби омӯзгорӣ фаъолияту ифтихор доранд.

Аъзоёни кафедра бештар аз 700 мақолаҳои илмиро дар нашриёҳои гуногун бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ аз чоп баровардаанд, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавию хусусӣ, ҳуқуқи гумрукӣ ва сиёсати берунаи ҶТ бахшида шудаанд.

Дар баробари ин ба қалами устодони кафедра 11 китоби дарсӣ, аз ҷумла «Ҳуқуқи байналхалқӣ», «Ҳуқуқи дипломатӣ ва консулӣ», «Международное миграционное право» ва ғайра, 25 монография аз ҷумла «Гражданско-правовой статус иностранцев в РТ», «Республика Таджикистан – субъект международно-частноправовых отношений», «Институт легализации иностранных официальных документов в Республике Таджикистан: вопросы предпринимательство и международное частное право», «Законодательство Республики Таджикистан и ЕС о компаниях: сравнительно-правовой анализ», «Мавқеи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоили ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», «Ҳуқуқи ашёгӣ», «Аҳдҳои иқтисоди хориҷӣ: масоили назариявӣ» ва ғ., 4 фарҳанг: Фарҳанги истилоҳоти дипломатӣ. Душанбе, 2019. 432 с., Фарҳанги ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Душанбе, 2013. 238 с., Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ. Душанбе, 2011, 362 с. ва Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Душанбе,«Эр-граф», 2012. 612 с., 30 воситаи таълимӣ: «Ҳуқуқи гражданӣ ва савдоии мамлакатҳои хориҷа», «Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи дипломатӣ», «Танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи гурезаҳо», «Лекции по международному частному праву», «Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи байналмилалӣ: Қисми умумӣ», «Ҳуқуқи байналмилалӣ: Қисми махсус» «Международное право», «Таможенное право:Общая часть», «Ҳуқуқи робитаи беруна», «Ҳуқуқи Аврупо», «Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ: Низоъҳои ҳарбӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ», «Танзими ҳуқуқии фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», «Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ: Низоъҳои ҳарбӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ», «Ҳуқуқи байналмилалии обӣ», «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» ва ғ., як дастури методӣ: «Ҳуқуқи гражданӣ ва савдоии мамлакатҳои хориҷӣ», 56 барномаи таълимӣ тааллуқ дорад.

Устодони кафедра нахустин маҷмӯаи «Проблемаҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ» (соли 2008, 286 с.) ва «Нашриёҳои солонаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ» (соли 2014, 268 с.; соли 2016,576 с.)-ро таҳия ва нашр намудаанд, ки арзиши баланди илмиву амалиро соҳибанд.

Ғайр аз ин дар пояи кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ соли 2010 ихтисоси 24010100 – ҳуқуқшиноси байналмилалӣ магистратура таъсис дода шудааст, ки дар факултети ҳуқуқшиносӣ нахустин буд. Инчунин дар пояи кафедра, соли 2010 ташкили магистратура бо ихтисоси 24010100-ҳуқуқшиноси байналмилалӣ тибқи шабакаи фосилавӣ дар ИДМ, ки як сол дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ ва як сол дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии Донишгоҳи дӯстии халқҳои Руссия ба таҳсил фаро гирифта ба роҳ монда шуд, ки дар натиҷа дипломи ду донишгоҳро сазовор мегарданд.

Устодони кафедра дар такмили фаъолияти қонунгузории кишвар саҳми назаррас доранд, дар таҳия ва муҳокимаи барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо, лоиҳаи кодексҳо, қонунҳо ва лоиҳаи қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ширкати фаъолона доранд.

Самти корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраро проблемаҳои назариявии ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ ташкил медиҳад, ки фарогири нуҳ фасл буда, вобаста ба он устодони кафедра фаъолияти илмӣ- тадқиқотии худро таҳти роҳбарии мудири кафедра Раҷабов М.Н. ба анҷом мерасонанд.

Дар кафедра фанҳои таълимӣ – «Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ», «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», «Ҳуқуқи гумрукӣ», «Ҳуқуқи Аврупо», «Асосҳои ҳуқуқии танзими муҳоҷират», «Ҳуқуқи байналмилалии муҳоҷират», «Ҳуқуқи дипломатӣ», «Ҳуқуқи робитаи беруна», курсҳои махсус «Ҳуқуқи шартномаи байналмилалӣ», «Ҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ» ва фанни интихобии донишҷӯ – «Ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ», «Ҳуқуқи гражданӣ ва савдоии мамлакатҳои хориҷӣ», «Ҳуқуқи байналмилалии обӣ» «Ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ», «Ҳуқуқи байналмилалии ҳавоӣ», «Ҳуқуқи байналмилалии асъор», «Ҳуқуқи Созмони умумиҷаҳонии савдо» тадрис дода мешавад.

Дар назди кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ маҳфили илмии донишҷӯён бо номи «Дипломатони ҷавон» амал менамояд, ки дар он донишҷӯён зери роҳбарии устодон пайваста бо маърӯзаҳо баромад мекунанд.

Кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ фаъолияти илмӣ ва амалии худро бо вазорату идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ, ҳамзамон муассисаҳои илмӣ ва таълимии бонуфузи дохил ва хориҷии кишвар ба роҳ мондааст.

Дар пешбурд ва муваффақиятҳои кафедра нақши устоди зиндаёд, шодравон Ш.Менглиев беназир аст. Устод Ш. Менглиев нахустин омӯзгор ва муҳаққиқ аст, ки ба таълиму таҳқиқи ҳуқуқи




байналмилалии хусусӣ дар Тоҷикистон машғул шуд ва соли 1993 тадриси ин фан дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз ёфт.

Омӯзгорони кафедра дар таҳияи Кодекси граждании ҶТ (Қисмҳои I, II, III), Қонунҳои ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)», «Дар бораи гурезаҳо» ва ғайра нақши назаррас доранд.

Мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҷабов Маҳмадёр Носирович аз соли 2012 роҳбарии кафедраро самаранок ба роҳ монда, идомабахш ва давомдиҳандаи анъанаҳои илмӣ ва таълимии кафедра мебошад. Аъзои кафедра, дар таълиму тарбияи донишҷӯён ва тарбияи мутахассисони баландихтисос нақши назаррас доранд.

Умедворем, ки дар оянда устодони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ бо пайравӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон садоқатмандона фаъолияти хешро ба роҳ монда, корҳои шоиставу арзандаро дар ҷодаи таълиму тарбияи шогирдон ва тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб бо дарки манофеи давлату миллат анҷом медиҳанд.

**Раҷабов М.Н.**
**мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

Ҷаҳонат ба кому фалак ёр бод,
Ҷаҳонофаринат нигаҳдор бод.
Баланд ахтарат олам афрӯхта,
Завол ахтари душманат сӯхта,
Ғам аз гардиши рӯзгорат мабод
В-аз андеша бар дил ғуборат мабод.
Саъдии Шерозӣ

# МУРАББИИ БЕНАЗИР ВА ИНСОНИ КАМНАЗИР



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи суханрониҳои хеш мақому манзалати зиёиёнро дар рушду нумӯи кишвар қадр карда, аҳли илму адаб ва омӯзгоронро ҳамчун неруҳои маърифатии пешбарандаи ҷамъият ба шумор оварда, таъкид менамоянд, ки: «Пешрафти ҳар як ҷомеаро инсонҳои дорои ғановати маънавӣ ва зеҳнӣ таъмин менамоянд». Воқеан, илму фарҳанг ва маориф дар тамоми марҳалаҳои ҷомеаи башарӣ мавқеи арзандаву шоиста дошта, пешрафту гулгулшукуфоии диёрамон ба фаъолияти пурбаракати онҳое пайвастагии узвӣ дорад, ки ба туфайли иродаи матин, азму субот ва заҳмату ҷустуҷӯҳои тӯлонӣ соҳиби муқаддастарин сарват – неруи қавии зеҳнӣ ва маънавиёти баланд гардидаанд. Чунин шахсиятҳо, ки дорои лаёқату истеъдоди фитрӣ буда, дар роҳи расидан ба мақсаду мароми нек-хидмати содиқона ба халқу ватан ва ҳиссагузорӣ дар баланд бардоштани маънавияти ҷомеа қадамҳои устувор мегузоранд, бешак сазовори арҷгузорӣ ва эҳтироми беназиранд.

Устоди шинохта, заҳматкаши шоҳроҳи илму маориф, инсони фозилу фурӯтан, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Зайниддинов Саид Фатҳиддинович аз зумраи ҳамин гуна шахсиятҳои наҷиб ба ҳисоб мераванд. Зиндагиномаи ин марди наҷиб ва ҳалиму хоксор оддист. Ҳангоме ки ба ҷараёни рӯзгор ва фаъолияти меҳнатии ин муҳаққиқи борикбин ва инсони соҳибдил назар меафканем, бароямон бори дигар равшан мегардад, ки ӯ ҳаёти рангину ибратомӯзе ба сар бурдааст. Устод Зайниддинов Саид Фатҳиддинович 14 августи соли 1959 дар шаҳри Душанбе дар оилаи равшанфикр дида ба олами ҳастӣ кушод, бо амри зарурат ва тақдир аз овони наврасӣ – 16-солагӣ ба меҳнати мустақилона машғул шудааст. Азбаски дар хонаводаи эшон василаи ягонаи таъмини рӯзгор заҳмати ҳалол буд, Саиди ҷавон ва зираку пурғайрат пайваста баъди дарсҳои мактабӣ ба волидайни хеш ҳаматарафа ёрӣ мерасонад. Зайниддинов Саид Фатҳиддинович соли 1976 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и шаҳри Душанберо бо муваффақият хатм намуда, соли 1976 ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко факултети забонҳои хориҷӣ дохил гардида, ин боргоҳи илму маърифатро соли 1980 бо дипломи «аъло» ба итмом мерасонад. Баъди хатми донишкадаи мазкур ӯ бо роҳхат ба мактаби миёнаи №12-и шаҳри Турсунзода ба ҳайси муаллими забонҳои русӣ ва англисӣ ба кор меравад.

Зайниддинов С.Ф. аз моҳи ноябри соли 1980 то моҳи майи соли 1982 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ сарбаландона адои хидмат кардааст. Аз моҳи сентябри соли 1982 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ ба сифати ассистент ба кор мепардозад. Соли 1989 унвони муаллими калонро ба тариқи озмун соҳиб мегардад.

Устод соли 1986 ба Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов барои такмили ихтисос меравад. Ӯ дар тӯли фаъолияти илмию эҷодии хеш ба чандин кишвари ҷаҳон аз ҷумла Марокаш, Испания, Туркия, Малта, Юнон ва дигар давлатҳо ба сифати тарҷумон сафарҳои илмӣ, хидматӣ ва тарҷумонӣ анҷом додааст, ки ин ҳама ба фаъолияти эшон таъсири амиқ расонидааст.

Мавсуф аз соли 2000-ум ба кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳайси муаллими калони кафедра ба кор меояд ва то ҳол дар кафедраи мазкур фаъолияти меҳнатии худро идома медиҳанд.

Зайниддинов С.Ф. муаллифи зиёда аз 70 мақолаи илмӣ-оммавӣ ва се маводи таълимӣ мебошад. Барои мисол мухтасар намунае аз осори устодро пешноҳод менамоем: «Дастури методӣ барои довталабон» соли 1991, «Луғати мухтасари истилоҳоти ҳуқуқӣ (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ)» соли 2010, «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ)» соли 2016, «Масъалаҳои муҳимми омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар факултети ҳуқуқшиносӣ», «Роҷеъ ба баъзе масъалаҳои забон ва фарҳанг», «Масъалаҳои усули фаъоли таълим», «Масъалаҳои тарҷума аз нуқтаи назари илмҳои забоншиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ», «Роҷеъ ба баъзе аз истилоҳоти ҳуқуқӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ва монанди инҳоро дар саҳифаҳои «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Ба қуллаҳои дониш» «Минбари ҳуқуқшинос», «Ҳаёти ҳуқуқӣ», «Давлатшиносӣ» ва дигар рӯзномаву маҷаллаҳо ба табъ расонидааст.

Ӯ бо дигар устодон пайваста дар ҳамкорӣ буда, ҳаммуаллифи якчанд кори илмӣ-тадқиқотӣ мебошад. Ба қалами устод якчанд китоб, дастур, дисертатсияву монографияи илмӣ тарҷума гардидаанд. Мавсуф соли 2004 унвони Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб гардидааст. Инчунин бо якчанд ифтихорнома низ сарфароз гардонида шудааст.

Зайниддинов Саид дар қатори дигар устодон дар кафедра яке аз азизтарин ва маҳбубтарин шахсон дар байни ҳамкорону шогирдонашон ва тамоми илму адаб маҳсуб мешаванд. Дар баробари ҳамаи ин фазилатҳои шоистаи маънавӣ инсони соҳибзавқ, дарёдил ва хушгуфтор буда, бо хушгӯию ҳозирҷавобии табиии хеш ҳамеша дар таъмини нишоти ҳамкорону дӯстон мекӯшад. Ҳамеша ба нишасту суҳбатҳои фориғ аз кор дӯстон, ҳамкорон, ҳамсолон ва шогирдон мешитобанд, то аз хушгӯиҳои ҷаззобу латифаҳои нодири устод баҳра гирифта, маҷмӯи муаммоҳои зиндагонии ҷорӣро фаромӯш созанд. Албатта, ҳикмати ҷовидонаи таърихист, ки ҳар ки ба шодии дили дигарон бикӯшад, Худованд дилашро шоду масрур мегардонад. Устоди арҷманди мо, ки ҳамин фазилати олии инсониро дар вуҷуди худ парваридаанд ва ҳамеша дар пайи шодбодии дилҳои дигаронанд, дар айёми 60-солагии мавлуди муборакашон мо, садорат ва устодони факултет, шогирдон низ таманно мекунем, ки тандурусту шодком, дилшод ва аз ҳамаи ғамҳои олам дур бошанд.

Таҳияи Зарина НАЗАРОВА
мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ,
н.и.ф., дотсент

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАВОНОН



Маҳмадкарим ШАРИПОВ
унвонҷӯи кафедраи
ҳуқуқи ҷиноятӣ

## ИСТИҚЛОЛИЯТ ЗАМИНАИ РУШДИ БОСУБОТ

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷикон аст, ки соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду соҳибтамаддуни тоҷикро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намуда истодааст. Истиқлолияти давлатӣ неъмати бебаҳост ва барои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар ҷомеаи тоҷикон заминаи мусоид фароҳам овард. Дастоварди беҳтарини ҳар давлату миллат, ки инкишофи ҳама соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ ба он вобастагӣ дорад ин истиқлолияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

## 9 СЕНТЯБРИ СОЛИ 1991 – САНАИ МУҚАДДАС БАРОИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Санаи 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид, аммо кишвар дар қадамҳои нахустини мустақилияти хеш ҳамрадифи муборизаҳои шадиди сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид. Истиқлолияти давлатӣ ва пойдории сулҳу субот дар ҷомеа маҳз бо шарофати заҳмату талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омад. Сарвари давлат бо ба эътидол овардани вазъият, кӯшиши пойдор намудани истиқрори сулҳ ва таҳкими ҳокимияти давлатӣ, хотима бахшидан ба ҷанги дохилӣ, пеши роҳи фоҷиаи миллӣ ва харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлатро гирифтанд.

Дар замири мо ҷавонон Пешвои миллат ҳамчун асосгузори давлати навини тоҷикон ва муаррифгари асили миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ нақши воло дорад.

Дар тӯли 28 соли Истиқлолияти давлатӣ ҷавонон ба як қатор дастовардҳо соҳиб гардида, ҳукумати мамлакат бошад талоши онро менамояд, ки дар самти сиёсати давлатии ҷавонон низ ба дастовардҳои арзишманд ноил гардад.

Бояд қайд намуд, ки муҳимтарин дастовардҳое, ки дар давоми соҳибистиқлолии кишвар ҷавонон соҳиб гардидаанд, ба таври зайл ишора намудан мумкин аст:

1. Таъсиси мақомоти ваколатдори кор бо ҷавонон (Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ), ки татбиққунандаи асосии сиёсати давлатии ҷавонон ба шумор меравад.

2. Баргузории мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо насли ҷавони кишвар: 2 феврали соли 1993, 4 сентябри соли 1993, 17 марти соли 1994, 23 майи соли 1997, 16 майи соли 1998, 21 майи соли 2005, 30 августи соли 2005. Ин вохӯриҳо рамзиояндасозивуояндабинӣ ва дарки рисолати баланди ҷомеашиносӣ, инсонгароӣ ва худшиносиву худогоҳии ҷавонони кишвар гардид.

3. Таъсис ёфтани стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, квотаҳои Президентӣ барои ҷавонон, таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимон ва муҳаққиқони ҷавони Тоҷикистон, стипендияи байналмилалии “Дурахшандагон”, Ҷоиза барои варзишгарон, Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон дар давлатҳои хориҷӣ.

4. Таъсис ёфтани Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2015. Сарвари давлат, Раиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ изҳор доштанд, ки таъсиси Шӯрои мазкур таҳти раёсати Президенти мамлакат ҳадафи мавриди баррасӣ қарор додани масъалаҳои вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дар ин замина барои ба корҳои муҳими давлативу ҷамъиятӣ бештар ҷалб кардани онҳоро дошта муносибат бо ҷавонон, роҳандозии усулҳои боз ҳам муассири ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро бо ташкилоту созмонҳои ҷавонон тақвият мебахшад.

5. Соли 2017 эълон гардидани “Соли ҷавонон” дастоварди дигари ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад. Ин иқдоми навбатии Пешвои миллат нисбати ҷавонон боз ҳам ба ҳавасмандии ҷавонон ҷиҳати иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат, ҳамчун қишри созанда ва бунёдкор иштирок кардан дар рушду нумӯи ҷомеа мусоидат кард.

Ҳамаи ин дастовардҳо бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ муяссар гардидааст ва идома хоҳад дошт. Давлату ҳукумат ба ҷавонон ҳамчун неруи созанда, бунёдкор ва созандагони фардои ҷомеа муносибат намуда, нақши онҳоро дар пешрафти кишвар басо муҳим ва арзанда мешуморанд.

# ҲОКИМИЯТ – ҲАМЧУН ҲОМИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН АЗ НИГОҲИ ҶАДИДОН

**Дар ҳар давру замон новобаста аз вазъияти ҷомеа қувваҳои зеҳнӣе вуҷуд доштанд, ки бо назария ва ақидаҳои хеш фарққунанда буданд. Ин тафовути онҳо пеш аз ҳама дар эҷодиётяшон, ки хусусияти инсонгароёна доштанд, инъикос меёбад. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии халқи тоҷик низ ҳамчун яке аз қисматҳои таърихи умумиҷаҳонӣ аз ин гуна падидаҳои прогрессивӣ холӣ нест. Аз аҳди бостон сар карда, вобаста ба арзиши инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар ҷомеа чи дар сатҳи элитаи сиёсӣ ва чӣ дар сатҳи синфҳои дигари ҷомеа ақидаҳои мухталиф мавҷуд буд. Вале дар шакли навин, ки ба ҷаҳони муосир мувофиқ аст ва заминаи муносибатҳои имрӯзаро гузоштааст ин назарияҳо аз нимаи дуюми қарни XIX ташаккул ёфтаанд. Баробари дар Аврупо ба миён омадани як қатор ҳаракатҳои ислоҳотхоҳона, махсусан маорифпарварон ва либералҳо, инчунин инқилобҳои буржуазӣ-демократӣ низ ғалаба карданд, ки таъсири он ба дигар минтақаҳо рафта расид.**

Ин таъсирот барои халқи тоҷик дар ибтидо дар шакли маорифпарварӣ ва баъдан дар шакли ҷадидия, ки давомдиҳандаи назария ва амалияи онҳо буданд, сурат гирифт. То давраи навтарин аксарият муҳаққиқон ҷадидияро ҳамчун ҳаракати иртиҷоӣ ва зиддихалқӣ ҳам нишон додаанд. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин баҳо додан ба онҳо дар қолаби илм намеғунҷад ва дуруст қарор доштанд, ба монанди: Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳид Мунзим, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Тошхоҷаи Асирӣ ва ғайраҳо. Ҳукмронии муносибатҳои фарсудаи феодалӣ, заифу нотавон будани ҳукумати Аморати Бухоро, сатҳи пасти тараққиёти мардум, дур будан аз воситаҳои истеҳсолоти замонавӣ, камсаводӣ ва аз мактаб дур будани аҳолӣ, паст будани шуури сиёсӣ

Чунин як бӯҳрони сиёсию маданӣ ҳукмрон синфи то ҷое бедоргашта ва зиёии ҷомеаро ором гузошта натавонист ва омили ташаккулёбии ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ гардид. Аввалин шуда шарҳи дурусти мақому манзалат ва вазифаҳои ҳокимият, ки ба талаботи вақти мардум ҷавобгӯ буд аз ҷониби ҷадидон ифодаи худро ёфт. Бояд зикр намуд, ки дар ибтидои фаъолияти хеш ҷадидон низоми ҳокимияти амириро тарафдорӣ менамуданд. Мувофиқи назари онҳо на амир балки атрофиёни ӯ дар системаи фарсудаи ҳокимияти кишвар, ки ифодагари манфиати омма намебошад ва боиси касодшавии ҷомеа, дар сатҳи олӣ рух додани ҷиноятҳои ҷинояткорӣ гардидааст, гунаҳгоранд. Яке аз асосгузорони ҳаракати ҷадидия С. Айнӣ махсуб меёфт, ки бо ақидаҳои худ дар таърихи афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик ҳамто надорад. Ӯ дар хусуси ҳокимият, ки мафҳуми меҳварии ҷомеа мебошад, ақидаҳои хешро иброз намуда, ба он андеша буд, ки амалдорони амир, ҳокимон ва аксарияти зимомдорони давлатӣ бояд ба айшу ишрат дода нашаванд ва бо халқ зулм накунанд. Сарони давлату ҳукумат бояд ашхоси фозил, одилу хирадманд ва раиятпарвар бошанд. Танҳо дар чунин ҳолат кори давлатдорӣ пеш меравад у мулк obод



**Ҷамолиддин ШАРИПОВ**
**ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих**

гузорро дар шакли Маҷлиси муассисон дидан мехостанд, вале дар акси ҳол ба моҳияту хусусиятҳои он ба таври амиқу дақиқ сарфаҳм нарафта буданд. Вале дар

ҳам нест. Таҳлили худи мафҳуми ҷадидия метавонад фаҳмишро ба ин гуна ақидаҳои хусусияти синфӣ ва манфиатхоҳона дошта, равшан намояд. Он ҳаракати махсуси зиёиёни пешқадам ва синфи ташаккулёфтаи миёнаи ҷомеа буд, ки характери сиёсию ичтимоӣ ва фарҳангиро ба худ гирифта буд. Дар маркази диққати намояндагони ин ҳаракат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва нақши он дар ҷомеа қарор дошт. Дар аввалин қадамҳо ҷадидон характери зиддифеодалӣ ва зиддимустамликавӣ доштани назарияи хешро нишон доданд. Омили асосии нобаробарии ҷамъиятро аз лиҳози ҳуқуқӣ онҳо дар системаи фарсудашудаи феодалии амирӣ ва сиёсати золимонаи амирони Бухоро медиданд. Онҳо сохти мавҷудаи давлатдории Аморати Бухоро, низоми таълиму тарбия ва паҳлуҳои дигари ҳаёти маданию ичтимоии ҷомеаро танқид намуда, бо мақсади тағйирот ворид намудан дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷораҳои амалӣ меандешиданд.

Дар саромади ҳаракатҳои миллию озодихоҳии охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ки мақсад ташкил додани ҳокимияте, ки ҳамчун ҳомии аҳли заҳматкаш бромад намояд, ҷадидон қарор доштанд. Дар саромади ин ҳаракати хусусияти гуманистидошта як қатор фарзандони фарзонаи тоҷик ва ҳуқуқӣ ва истисноӣ пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон диққати озодфикронҷадидони Бухороро ба сӯи ҳаракати нав баҳри созмон додани ҳокимияти халқӣ кашид. Сабаби тамоми мушкилиҳои ба сари мардум омадаро ҷадидон пеш аз ҳама аз мавҷудияти чунин як ҳукумати камфаъол, ки ҳатто қудрати мудофиаи худро надошт медонистанд. Дар Аморати Бухоро чи аз лиҳози сиёсӣ ва чи аз лиҳози иқтисодию маънавӣ ҳуқуқи аҳли омма ба этибор гирифта намешуд. Тамоми озидиҳо дар соҳаҳои ҷамъиятии мавҷуда ба синфи ҳукмрон марбут буду халос. Аҳкоми динӣ, ки сарчашмаи асосии тамоми қонунҳои вақт махсуб меёфт, алаккай ба таври дигар, ки ифодакунандаи манфиати синфҳои ҳукмрон буд шарҳу тавзеҳ дода мешуд. Махсусан дар соҳаи маориф, ки асоси онро мадрасаҳо ташкил медоданд, синфи камбизоти ҷомеа умуман имконияти таҳсилро надошт. Принсипи бародарию баробарӣ асрҳо фаромӯш гардида, ба ҷои он принсипи касе имконият дорад ҳукмронӣ аз ӯст ворид шуда буд. Ҳамчунин аморати Бухоро артиши касбии мудофиавии худро ҳам надошт, ки минбаъд ин заифию нотавонӣ дар рафти ҳуҷуми русҳо ба ин сарзамин исбот гардид. Пас чунин ҳокимиятро метавон ҳомии халқ номид, ки ҳатто қудрати нигоҳ доштани сарвари худро надошт?

мегардад. Айнӣ дар зери мафҳуми раиятпарвар будани амалдорони давлатӣ пеш аз ҳама ба инобат гирифтани манфиати оммаро аз ҷониби давлатмандон дар рафти қабули қонун ва қарорҳои умумӣ дар назар дорад. Яъне қонуне қабул карда шавад, ки манфиати аҳли заҳматкаш, ки аксарияти аҳолиро ташкил медиҳад дар мадди аввал гузошта шавад. Ба инобат гирифтани ҳуқуқу озодиҳои аксарият боиси мустаҳкам гардидани заминаи давлатдорӣ ва ҳокимият хоҳад гашт. Айнӣ ба артиши давлат ҳамчун ба яке аз рукнҳои асосӣ ва ҳастии давлатдорӣ диққати махсус додааст. Артиш бояд хеле мустаҳкам ва тавоно бошад, то тавонад кишварро аз аҷнабиён ҳимоя намуда ба ин восита дар таъмини афзалияти ҳуқуқу озидиҳои шаҳрвандонаш кафолатдиҳанда бошад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ҷадидон то ҷое тавонистаанд омилҳои зулму асорат, зиддиятҳо ва муқовиматҳои миёни нерӯҳои сиёсӣ, байни оммаи заҳматкаш ва амирону дарбориёнро ба таври барҷаста нишон дода, кӯшиши дарёфти роҳу усулҳои аз миён бурдани чунин мухолифатҳо ва ҳатто, моҷароҳоро намудаанд.

Ҷадидон дар хусуси ҳокимият ва мақоми он дар ҷомеа истодагарӣ намуда, принсипи таҷзияи ҳокимиятро қабул доштанд. Онҳо ҳокимияти қонунчунин марҳила дарки мавқеи ҳокимияти қонунгузор ва аҳамияти он дар ҷомеа як падидаи мусбӣ дар афкори ҷамъиятӣ сиёсӣ махсуб меёфт. Дар хусуси судҳо бошад, онҳо ақидаҳои дақиқу фаҳмотарӣро пешниҳод менамуданд. Махсусан дар ин самт пешниҳоди ислоҳотҳо, ки мақсади он ба талаботи ҷомеа мувофиқ гардонидани аҳкоми динӣ ва дар асоси он ҷорӣ намудани адолати судӣ буд, назаррас мебошад. Агар ба барномаи ислоҳотии ҷадидон назар афканем, онҳо тарафдори даровардани ислоҳоти пурра дар низоми судҳои қозигии аморат буданд.

Бесаводии аҳли ҷомеа ва аз мактаб дур мондани онҳо намегузошт, ки сиёсати авомфиребонаи амирӣ дарк карда шавад. Вале таҷрибаи давлатҳои Аврупоӣ собит намуд, ки ин низом дуру дароз амал карда наметавонад. Тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки таъсири ҳаракатҳои миллию озодихоҳии мардуми аврупоӣ бо сарвари зиёиёни пешқадам ба ин минтақа, ки замоне яке аз марказҳои меҳварии тамаддуни башар буд, омада нарасад. Ҷадидон ба масъалаи муносибати давлат ва шахс низ аҳамияти махсус додаанд. Мақоми ҳар як аъзои ҷомеа бояд тавассути қонун ба танзим дароварда шавад ва меъёри асосӣ на мансубияти ичтимоии одамон, балки ақлу заковат ва қобилияти онҳо бошад. Одамон дорои ҳуқуқҳои яксела ва ӯҳдадориҳои мухталиф бошанд. Ҳимояи одамон ба яке аз вазифаҳои муҳими ҳокимият мансуб аст. Дар чунин маврид нақши асосӣ ба судҳо дода мешавад. Судҳо дар рафти кори хеш бояд мустақил бошанд ва онҳо аз сарвари сиёсӣ ҳам вобаста набошанд.

Баъд аз вуруди қавмҳои кӯчманчӣ ба ин минтақаи тамаддунхез, ки боиси харобиҳои зиёд ва кафомонии он гардида буд, аввалин шуда маорифпарварон ва ҷадидон бар зидди ситаму золимии синфи ҳукмрони аз санъати роҳбарикунанда бехабар, дар аввал бо ақидаҳои худ ва баъдан бо амалҳои худ баромад намуданд. Назарияи маорифпарварон ва амалияи ҷадидон заминаи дарки воқеии ҷомеа ва ҳокимиятро аз ҷониби мардум гузошт. Ҳамин тавр, шарҳи дуруст ва оммафаҳми мафҳуми ҳокимият аз ҷониби ҷадидон ва маорифпарварон заминаи амалӣ гардидани орзуи омоли аҳли заҳматкаш, ки асрҳо ин ҷониб дар зери истисмор қарор доштанд гардид.



# ТАШАББУСҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ЗИСТМУҲИТӢ

Экология ва хифзи табиат қисмҳои ҷудонашавандаи сиёсат, иқтисодиёт, саломатии аҳолӣ ва пешрафти давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистони азиз таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо беш аз 140 кишварҳои ҷаҳон робитаи дипломатӣ баркарор намуда, узви комилҳуқуқи зиёда аз 40 созмони байналмилалӣ гардида, аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии худ дар раванди ҳаллу фасли мушкилотҳои ҷаҳонӣ ба вижа экологӣ иштирок намуда, ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳали проблемаҳои экологӣ нақши боризро касб намудааст. Боиси ифтихор ва сарбаландии кулли мардуми шарифи Тоҷикистон аст, ки Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати экологиро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар арсаи байналхалқӣ пеш гирифтааст.

Имрӯз башарият дар арафаи бӯҳрони экологӣ қарор дорад. Бӯҳронҳои экологӣ то рафт микёси зиёдеро фаро гирифта, ба сатҳи умумиҷаҳонӣ расидааст, ки боиси гармшавии иқлим, обшавии пиряхҳо, хушкшавии баҳрҳо, зиёдшавии заминҳои зериобмонда, таназзулёбии замин, нобудшавии гуногунии биологӣ гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки масъулияти бузург на танҳо дар дохили кишвар, инчунин дар арсаи байналмилалӣ барои ҳалли проблемаҳои экологӣ дар сайёра, пешгирии хатарҳои экологиро ба миён гузошта, барои ҳалли онҳо ташаббусҳои бузургеро анҷом додааст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷунин ташаббусҳои пайвастаро ҷонибдорӣ менамояд. 22 сентябри соли 2010 Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Нью-Йорки ИМА дар машварати сатҳи баланди Маҷмааи Умуми СММ ба сифати саҳм дар гузаронидани соли байналмилалии гуногунии биологӣ баромад карда, иброз намуданд, ки кӯҳистони Тоҷикистон соҳиби ганҷинаи бойи генофонди гуногуннавъии биологиест, ки барои эҷоди навъҳои серҳосил ва пойдор барои кишт, растаниҳои оройишӣ, маводи табобатӣ, набототи озуқаворӣ ва зотҳои ҳайвонот захираи мусоиди потенсиалӣ мебошад. Дар асоси ин захираю имконот навъҳои нави селексионӣ ва зодҳои навро ба вуҷуд овардан мумкин аст.

Бо иштироки Барномаи Рушди СММ ва дигар соҳторҳои он оид ба нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи гуногуннавъии биологӣ бо пешниҳоди Пешвои миллат санадҳои бунёдӣ – Стратегияи миллӣ ва Нақши амалиёти марбут ба нигоҳдории гуногуннавъии биологӣ, санади сиғавии миллӣ оид ба бехатарии биологӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии биологӣ» ва зиёда аз 50 қонун оид ба экология, хифзи табиат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ таҳия ва қабул гардида, як силсила санадҳои дигари барномавӣ омода карда шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун абармарди дунёи сиёсат дар ҳалли проблемаҳои экологии об дар арсаи байналмилалӣ пешниҳоди арзандае кардааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро маъруфу маҳбуби оламиён гардонид. Вақте аз ҷониби Президенти кишвар соли 2003 «Соли байналмилалӣ оби тоза» пешниҳод гардид, қисман мардуми олам ва кишвари моро кишвари бе обу лабташна гумон мекарданд. Ҳол он ки Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги об аст, дар ҷаҳон ҷойи 8-ум, дар миқёси ИДМ ҷойи 2-юм ва дар Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро мегирад. Захираҳои оби равони Тоҷикистон ба ҳисоби миёна соле 62 км3-ро ташкил медиҳад, ки 12 км3 дар қаламрави ҷумҳурӣ сарф мешавад. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ 947 дарё, 8492 пиряхи калонҳаҷм, 1300 кӯл ва бештар аз 200 чашмаи шифобахш маълум аст. Тоҷикистон гарчанде дар саргаҳи ташаккулёбии манбаъҳои оби тоза қарор дораду соҳиби беш аз 55,4 фоиз захираҳои оби Осиёи Марказӣ аст, аз танқисии об ҳудро канор гирифта наметавонад. Дар баробари ин, мо чун мулки сароб имкониятҳои фаровоне дорем, ки оянҷаи наздик манбаъҳои оби софамонро чун моли асосии бозоргир ба маҳсулоти содиротӣ табдил диҳем. «Арзиши об аз нафту газ, ангишт ва дигар анвои сӯзишворию захираҳои энергетикӣ ҷиҳати устуворӣ мамлакат ва минтақа кам





Муҳаммад НАСРУЛЛОЕВ донишҷӯи соли 4

нест» – гуфтани Президенти мамлакат ба ҳамин маъност. Дигар сабаби ба муҳокимаи оламиён гузоштани масъалаи об аз ҷониби Пешвои миллат дар он буд, ки зиёда аз як миллиард одам дар ҷаҳон аз оби тоза танқисӣ мекашад. Ҳамон тавре ки Пешвои миллат иброз намуданд: «Вақте, ки бо сабаби нарасидани оби тозаи нӯшокӣ аз панҷ як ҳиссаи аҳолии сайёра азият кашида, ҳар сол тақрибан панҷ миллион одам аз истифодаи оби олуда ва бемориҳои вабаста ба он ҷони худро аз даст медиҳанд, мо мардуми Осиёи Марказӣ, ки ин проблема, алалхусус, бароямон мураккаб аст, наметавонем мавқеи бетарафиро ихтиёр кунем».

Воқеан, Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ доир ба масъалаҳои мубрами ҳифзи муҳити зист пешниҳодҳои судманд намуда, ҷомеаи ҷаҳониро барои ҳамкорӣ дар ин самт даъват намуд, ки бо ин васила давлату миллати тоҷикро дар арсаи ҷаҳон тавонист муаррифӣ намояд.

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК



Сухроб ИКРОМОВ донишҷӯи соли 2

Фарзанд барои ҳар як волидайн неъмати бебаҳо мебошад. Барои ба дунё овардани ин наҳли умед волидайн ба чи душвориҳое рӯ ба рӯ мегарданд. Пушти сар кардани ҳамаи ин мушкилот ба хотири он аст, ки фарзанди хуб дар давроні пиронсолӣ боғи падару модар шавад. Аммо барои расидан ба ин мақсадҳои накӯ танҳо ба дунё овардани тифл басанда нест, балки тарбияи ба воя расонидани он низ бениҳоят муҳим мебошад. Падару модар бояд ҳамеша кӯшиш бар он намоянд, ки фарзандони ҳудро хуб ба воя расонанд, чунки фарзанди хуб ин боғи онҳост. Агар волидайн бо кӯдак ҳамон қадар хуб муносибат намоянд тифл дар ҷунин рӯҳия тарбия ёфта бо фарзанди хеш ҷунин муносибат мекунад. Сад шукр, ки имрӯз дар ҷомеаи мо инсонҳои некӯ меҳнатдӯст кам нестанд ва онҳо ба ҳамаи мушкилиҳои рӯзгор нигоҳ накарда, дилгармии зиёде ба зиндагӣ, ба одамон, ба тифлакони зебою хандонрӯе, ки зеби ин ҳаёту шеваи ширини умри инсонанд, муносибат менамоянд. Вале на ҳамаи шахсон ба кӯдакон меҳрубонанд, ҳастанд афроде, ки кӯдаконро меранҷонанд, ба онҳо муносибати ношоиста доранд, онҳоро азоб медиҳанд. Гӯё ки ба тамоми ноҳушиҳои ҳаёт кӯдак сабабгор бошад.

Баробари пайдоиши инсон зулму истибдод ба вуҷуд омадааст. Дар раванди инкишофи ҳаёти инсоният зӯроварӣ ба худ хусусиятҳои гуногунро мегирифт. Хусусиятҳои ичтимоии он пеш аз ҳама ба зиддиятҳои гуногуни моддӣ ва маънавии шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои ҷамиятӣ вобаста буд. Ҳокимияти давлатии шоҳони Мисру Бобул, императорони Рим ва амирони асри миёнагии Осиёи Миёна нисбат ба мардум зӯроварӣ нишон дода, шӯҳрати идоракуниашонро ин тавр машҳур мегардониданд. Асри XX низ аз ҳодисаҳои истифодаи зулму истибдод холӣ нест. Аҳволи мардум дар лагерҳои фашистон далели рафтори нангини инсон бар муқобили инсон аст.

Хушбахтона аз асри гузашта сар карда муносибатҳои башардӯстонаи мардуми олам ба чандин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ба танзим дароварда мешаванд. Дар давлатҳои гуногуни дунё қонунҳо дар бораи ҳимояи шахс аз зӯроварӣ ба назар мерасад. Махсусан истифодаи зӯрӣ нисбат ба кӯдак масъалаи муҳимми кишварҳои олам мебошад.

Дар кишвари азизамон манфиатҳои кӯдакон, ҳуқуқу озодиҳои онҳо ва ҳимояи онҳо аз ҳар гуна зӯроварӣ пеш аз ҳама дар Конститутсия муқаррар гардидааст. Дар моддаи 34 Конститутсияи ҶТ пешбинӣ мешавад, ки модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд. Аз ин бар меояд, ки давлат манфиатҳои кӯдаконро бо роҳи муқаррар намудани меъёрҳо дар қонунгузорӣ ҳифз менамояд. Ба монанди, ҳимояи кӯдакон дар боби алоҳидаи Кодекси ҷиноятии ҶТ "Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон" зикр шудааст. Барои чалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят, муносибати ношоиста анҷом додан нисбати кӯдакон, расонидани зарар ба саломатии онҳо ва дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ дар Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст.

Инчунин дар ин самт аз ҷониби мақомоти қонунгузори мамлакат ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" аз соли 2015 қабул гардид, ки то як дараҷае метавонад манфиатҳо, ҳуқуқу озодиҳои кӯдакро мавриди ҳифз қарор диҳад. Боби дуюми қонуни мазкур «сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ном гирифта, дар он меъёрҳои мазкур пешбинӣ гардидаанд: таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо; таҳкими кафолатҳои асосии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин баркарор кардани ин ҳуқуқҳо дар сурати поймол шудани онҳо; мусоидат намудан ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ; дастгирии давлатӣ, таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор; таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҳуқуқии кӯдак; фароҳам овардани шароити мусоид барои тарбияи кӯдакони ятим ва бепарастор аз ҷониби оилаи (мураббии) парастор.

Хулоса, кӯдакон категорияи ба ҳимоя эҳтиёҷманди аҳолӣ мебошанд ва муҳтоҷи ҳимояи калонсолон ҳастанд. Онҳо аз ҷиҳати ҷисмониву маънавӣ дар инкишоф мебошанд ва барои баркамол гардидани онҳо волидайн ва дигар шахсони онҳоро ивазкунанда дар назди давлат, ҷомеа ва қонун ухдадоранд.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва кишвари рӯ ба сӯи рушд аз тарафи ҷомеаи ҷаҳон шинохтаву эътироф гардида, бо қадамҳои устувор ҷониби дастовардҳои бузург қадам мезанад. Бахусус, дастрасӣ доштани аҳолии Тоҷикистон ба тамоми фанновариҳои асри нав, аз ҷумла интернет ва моделҳои навтарини технологӣ, иттилоотиву коммуникатсионӣ аз пешравиҳои кишвар дар солҳои охир шаҳодат медиҳанд.**

# ИТТИЛООТ, МАФКУРА ВА АХЛОҚ ДАР ҶОМЕА

Дар воқеъ, рушди бесобиқаи технологияи муосир барои дастрасии ҳамагон ба иттилооти фаврӣ доир ба тамоми мавзӯъҳо ва самту соҳаҳо мусоидат намуд. Имрӯзҳо дилхоҳ нафар метавонад тавассути интернет ё дигар воситаҳо адабиёт, маҳсулоти видеоӣ, аудиоӣ ва ғайраро озодона дастрас карда, барои қонеъ гардонидани талаботи худ истифода барад. Вале то куҷо дар ин навъи маҳсулот иттилооти воқеӣ, дуруст, бехатар ва қонунӣ мавҷуд аст, зери суол мемонад. Чунки ҳастанд баъзе гурӯҳҳо ва афроде, ки бо мақсадҳои ғаразнок, ба вуҷуд овардани низоъ дар байни мардум, бадахлоқ кардани аҳолӣ, хусусан ҷавонон, суст кардани иқтидори давлат ва даҳҳо омилҳои дигар бо роҳу воситаҳои гуногун маводу маҳсулоти худро паҳн ва тарғиб намуда, аз мафкура ва ахлоқи аҳолӣ ба манфиати худ сӯйистифода бурдан мехоҳанд.

Қонуни ҶТ "Дар бораи иттилоот" аз соли 2002 дар моддаи 37 бо мақсади пешгирии сӯйистифода аз ҳуқуқ ба иттилоот пешбинӣ намудааст, ки истифодаи иттилоот ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ба муқобили амнияти иттилоотӣ, барои барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, ҷанг, зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, хусумати иҷтимоӣ, таҷовуз ба шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таблиғи фаҳшу фуҷур манъ аст.

Ба андешаи мо айни замон меъёри мазкур нопурра буда, зарурати васеъ намудани он бо дарназардошти дигар омилҳои манфӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, бо мақсади пурра ва дақиқ намудани муқаррароти қонун, пешгирӣ кардани паҳншавии иттилооте, ки ба мафкура ва ахлоқи аҳолӣ таъсири манфӣ расонида метавонанд, инчунин баҳри пурзӯр намудани мубориза бар зидди паҳн намудани ҳама гуна иттилооти хатаровар ва таъсири манфидошта, моддаи 37 Қонуни мазкур ниёз ба такмилу таҳрир дорад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 37 Қонуни ҶТ "Дар бораи иттилоот" дар таҳрири нав ифода карда шавад. Масалан, муқаррар карда шавад, ки истифода ва паҳн кардани ҳама гуна иттилоот ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, низоъ, ҷанг, зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, ба муқобили амнияти иттилоотӣ, хусумати иҷтимоӣ, таҷовуз ба шахсият, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсону шаҳрванд, таблиғи амалҳои ба фолбинӣ ва сеҳру ҷодугарӣ алоқаманд, фаҳш, бадахлоқӣ, инчунин дигар навъи иттилоот, ки ба мафкура, ахлоқ ва маданияти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд, қатъиян манъ аст.

Боиси таъкид аст, ки яке аз падидаҳои дигари ба мафкураву ахлоқи аҳолӣ таъсири манфӣ расонанда, ин машғул шудан ба фолбинӣ ва сеҳру ҷодугарӣ ё истифода аз хизматрасонии чунин шахсон мебошад. Таассуфовараш он аст, ки амалҳо ва омилҳои ба соҳирӣ алоқаманд кам набуда, баръакс намудҳои гуногун ва хусусиятҳои ба худ хосро доранд.

Дар асри XXI соҳирӣ воситае шудааст, ки мизоҷони зиёд дошта, одамон аз он бо мақсадҳои гуногун, аммо нопоку нодуруст ва ғайриинсонӣ истифода мебаранд. Мутаассифона, вомехӯранд касоне, ки дар ҳар як кору фаъолияти хеш аз соҳирӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Ба таври васеъ доман паҳн кардани омилҳои хатарзои ҷомеаи кунунӣ, ҳамсони амалҳои ба фолбинӣ ва соҳирӣ алоқаманд низ рабт мегиранд аз манбаъҳои иттилоотӣ. Чунки дар баъзе шабакаҳои телевизионии хориҷӣ амалҳои фолбину ҷодугарҳо ва экстрасенсҳо ба таври озоду ошкор таблиғ гардида, ВАО чун воситаи пешбарандаи кори соҳирон васеъ истифода шуда истодааст.

Бояд эътироф намуд, ки ба зеҳну тафаккури омма ҷо шудани амалҳои ба фолбинӣ ва соҳирӣ алоқаманд низ ба мафкура ва ахлоқи аҳли ҷомеа хатар дошта, боиси ба вуҷуд омадани ҳар гуна низоъ, иғво ва ё ихтилофҳо миёни шаҳрвандон шуда метавонанд.

Хушбахтона, дар кишвар тайи солҳои охир бар зидди ин омилҳо тадбирҳои саривақтӣ андешида шуда, то ҳадди назаррас аз фолбиниву соҳирӣ ва намояндагони онҳо ҷилавгирӣ карда шуд. Бо вуҷуди оне ки дар ҶТ барои машғул шудан ба фолбинӣ ва сеҳру ҷоду ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар гардидааст, аммо то ҳол сафи соҳирону фолбинҳо ва мизоҷонашон зиёд буда, бо ҳар роҳу усулҳои пинҳонӣ кори худро идома дода, мафкура ва ахлоқи аҳолиро ба хурофоту аъмоли зишт омехта месозанд. Яке аз сабабҳои асосии боварии аҳолиро ба фолбину соҳирон дар сатҳи пасти шуурнокӣ, камсаводӣ, орзуҳои ботил ва ҷаҳонбинии танг доштани баъзе аз шаҳрвандон мебинем.

Дастрасии дуруст ва бехатар надоштани аҳолӣ ба иттилооти саривақтӣ, муътамад ва қонунӣ аз омилҳои асосие ба шумор меравад, ки ба вайрон гардидани мафкураи шахс замина мегузорад. Бинобар ин, иттилооти санҷидашудаи алтернативӣ бояд ҳамеша ба мардум озодона дастрас бошад. Ғайр аз ин, баҳри қотеъона мубориза бурдан бо чунин омилҳои хурофотии ҷомеа низ корро пурзӯр намуда, мувофиқи қонунгузории ҷорӣ нақшаи чорабиниҳои фаврӣ ва қарорҳои дахлдор қабул кардан мувофиқи мақсад аст.

Мувофиқи моддаи 374 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ барои дар ҳудуди ҶТ тайёр кардан, нигоҳ доштан, ворид кардан, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти воситаҳои ахбори омма, дигар маҳсулоти чопӣ, ки дорои маълумот ва маводи таблиғотиву ташвиқотии зӯран тағйир додани сохти конститутсионӣ, халалдор кардани тамомият ва мустақилияти давлат, заиф кардани амнияти давлат, ҷанг, барангехтани хусумати иҷтимоӣ, нажодпарастӣ, миллӣ ва мазҳабӣ, таблиғи бераҳмӣ, зӯроварӣ ва фисқу фуҷур, ҳимояи терроризм ва экстремизм, паҳн кардани маълумоти дорои сирри давлатӣ, инчунин намоиши маҳсулоти видео ва синамо, ки дар онҳо фисқу фуҷур таблиғ мешавад, инчунин дигар маҳсулоти чопии манъшуда, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳафт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз сию панҷ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ шабонарӯз ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сесаду панҷоҳ то чорсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Бо мақсади такмили муқаррароти моддаи мазкур пешниҳод мегардад, ки дар қисми якум калимаҳои "фисқу фуҷур" ба калимаҳои "фаҳш (порнография)" иваз карда шуда, баъди калимаи "зӯроварӣ" аломати вергул "," ва калимаҳои "бадахлоқӣ, фолбинӣ, сеҳру ҷодугарӣ" ворид карда шаванд.

Тибқи моддаи 482 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ ба шахсони воқеӣ ҷарима ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва дар сурати дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани ҳамин кирдор ба андозаи аз шаст то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ гардидааст. Аз мазмуни ин модда бармеояд, ки ҷавобгарии маъмурӣ танҳо нисбати шахсе татбиқ карда мешавад, ки ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ машғул шудааст ва афроди аз хизматрасонии соҳирону фолбинҳо истифодабаранда бошанд аз ҷавобгарӣ озод ҳисобида мешаванд.

Ба андешаи мо, муқаррароти моддаи мазкур нопурра буда, зарурати такмил додани он ба миён омадааст. Инчунин, ба шахсоне, ки ба назди соҳирону фолбинҳо рафта, аз хизматрасониҳои онҳо истифода мебаранд ё ин ки ба ҳар навъе ба онҳо кӯмаки молиявӣ мерасонанд, ҷавобгарӣ ва ҷазои маъмурӣ муқаррар намудан зарур аст. Масалан, дар ном ва диспозитсияи моддаи 482 Кодекси мазкур пас аз калимаи "фолбинӣ" калимаҳои "ё истифода бурдан аз чунин хизматрасонӣ" илова карда шавад. Зимнан, дар санксияи қисми якуми модда муайян кардани ҷарима ба андозаи аз чилу панҷ то шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва дар санксияи қисми дуюм бошад ба андозаи аз шасту панҷ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз пешбинӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Ин тадбирҳо баҳри пешгирии авҷ гирифтани фолбиниву соҳирӣ дар ҷомеа ва аз хурофот пок нигоҳ доштани мафкураи аҳолӣ аз пештара дида бештар мусоидат менамоянд.

Гарчанде ҷомеаи кунунии мо демократӣ ва ҳуқуқбунёд аст, вале набояд озодии демократии мо аз чаҳорчӯбаи ахлоқӣ берун шуда, боиси пастшавии ахлоқи ҷамъиятиамон гардад.

Ногуфта намонад, ки имрӯзҳо ба дилхоҳ сомонаҳои интернетие, ки дар онҳо маводҳои порнографӣ нашр ва паҳн мегарданд, ба таври озодона ва бемамониат ворид шуда, тамошо кардан, ҳатто барои худ сабт карда гирифтани онҳо имконпазир аст, ки ин ҳама ба ҷомеаи суннатии тоҷикона ташвишовар маҳсуб меёбад. Чунин дастрасии озод ба манбаъҳои нолозими технологияи иттилоотӣ, ки паҳлӯи манфии он омили мазкур низ ба шумор меравад, ба ташаккули равонӣ, ҷинсӣ ва ҳатто ҷисмонии насли мо бетаъсир намемонад. Аз тарафи дигар, дастрасии озоди насли наврасу ҷавон ба сомонаҳои интернетии тарғибкунандаи фаҳш ба таълиму тарбияи насли оянда хеле таъсири манфӣ расонида, барои бадахлоқ шудани аҳолӣ заминаҳои воқеиро ба вуҷуд меорад.

Аз ин лиҳоз, маҳдуд намудани дастрасӣ ба чунин сомонаҳо ва пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои тайёр ва паҳнкунандагони маводҳои порнографӣ аз чораҳое мебошад, ки татбиқи он дар ҷомеаи мо ногузир арзёбӣ мегардад.

Яке аз хатарҳои дигар, ки на танҳо ба мафкура ва ахлоқи ҷомеа, балки ба ҳаёт, саломатӣ ва амнияти миллӣ низ таҳдид менамояд, ин бо воситаи дастовардҳои навини иттилоотиву коммуникатсионӣ дар байни мардум паҳн кардани ақидаву ғояҳои бегона, дин, мазҳаб ва равияҳои бегона, тарғиби идеологияи дигар, ғайриқонунӣ ҷалб кардани шаҳрвандон ба ҳар гуна гурӯҳ, ҳаракату ҳизбҳои ифротӣ мебошад, ки ба бехатарии давлату ҷомеа мустақиман рабт дорад. Бинобар ин, бар зидди чунин омилҳо аз ҳарвақта дида бештар мубориза бурда, бо дарназардошти манфиатҳои милливу давлатӣ дар ин самт тадбирҳои муассир андешидан зарур аст.

Бахусус, баҳри ҳамаҷониба пешгирӣ намудани омилҳои манфии ҷомеа, ки ба мафкура ва ахлоқи аҳолӣ, инчунин ба амнияти давлату ҷамъият таъсири манфӣ мерасонанд, андешидани тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- таҳия ва қабули Қарори махсуси Ҳукумати ҶТ "Дар бораи андешидани тадбирҳо ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳама гуна омилҳое, ки ба ҳаёт, саломатӣ, мафкура ва ахлоқи аҳолӣ, инчунин амнияти давлату ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд";

- ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зерқонунии дахлдор ворид намудани тағйиру иловаҳо вобаста ба пурзӯр намудани мубориза бо таҳия, омодасозӣ, истифодабарӣ, таблиғ, намоиш, фурӯш, паҳн ва воридоту содироти маҳсулоти чопӣ, видеоӣ ва аудиое, ки ба мафкура ва ахлоқи сокинон бо ҳар роҳу усул таъсири манфӣ ва хусусияти ифротидошта мерасонанд;

- ба пуррагӣ бастани тамоми сомонаҳои интернетӣ, ки дар онҳо маводҳои видеоӣ, аудиоӣ, адабиёт ва аксҳои хусусияти террористиву экстремистидошта, куштору муносибати бераҳмона нисбати инсон ва олами набототу ҳайвонот, ба худкушӣ моил намудани шахс, маводҳои фаҳш, бадахлоқӣ, фолбинӣ ва сеҳру ҷодугарӣ, инчунин дигар маводе, ки ба мафкура ва ахлоқу маданияти милливу шарқиёна таъсири манфӣ мерасонанд, намоиш дода ва паҳн карда мешаванд, инчунин аз дигар сомонаҳои интернетии иҷтимоӣ несту нобуд сохтани чунин маводҳо;

- аз муомилот баровардани тамоми маводҳои чопӣ, акс, видео ва аудиоӣ, ки амалҳои хусусияти террористиву экстремистидошта, куштору муносибати бераҳмона нисбати инсон ва олами набототу ҳайвонот, ба худкушӣ моил намудани шахс, бадахлоқӣ, фолбинӣ ва сеҳру ҷодугарӣ ё ин ки дину мазҳаби бегона (будпарастӣ, яҳудӣ, насронӣ, масеҳӣ, равияҳои иртиҷоие, ки ба дини Ислом нисбат медиҳанд), дигар равияву гурӯҳ ва ташкилотҳои динӣ ё атеистиро тарғиб мекунанд, ҳамчунин манъ кардани воридоти чунин мавод ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва несту нобуд кардани онҳо ҳангоми дарёфт гардидани чунин маводҳо;

Андешидани тадбирҳои мушаххас ва роҳандозӣ намудани чораҳое, ки ба пешгирии омилҳои манфии ҷомеа равона гардидаанд, дар аксар маврид ба тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи худшиносӣ, ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ ва дур будани онҳо аз иттилооти бардурӯғ ё хусусияти ифротидошта мусоидат карда, баҳри паст намудани хавфи сар задани хатарҳо ва эмин нигоҳ доштани мафкураи аҳолӣ аз ақидаву ғояҳои нодуруст заминаҳои воқеӣ ба вуҷуд меоранд. Аз ин лиҳоз, тақвият бахшидани корҳоро дар ин самт ба мақсад мувофиқ меҳисобем.



**Манучеҳр ҲАМИДЗОД**
**сармутахассиси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидро-энергетикӣ ва оби тоза мебошад. Дар ҳавзу обанборҳои Тоҷикистон 45,3 км³ захираи об мавҷуд аст. Захираи оби ошомидании кишвари мо 19,3 км³-ро ташкил медиҳад, манбаъҳои обҳои зеризаминӣ бошад ба 51,2 км³ баробар аст. Бояд қайд намуд, ки 65 фисади оби ҳавзаи баҳри Арал аз дарёҳои ЧТ ҷорӣ мешавад.

Дар ЧТ шумораи умумии дарёҳо ба 928 адад мерасад, ки дарозии ҳар кадоми ин дарёҳо беш аз 10 км ва дарозии умумии онҳо беш аз 28500 километрро ташкил медиҳад. Ҳамаи ин ба дараҳои танги баландкӯҳ аз баландиҳои азими зинадор босуръат ҷорӣ мешаванд. Новобаста аз ин, ЧТ дорои захираҳои бепоёни манбаъҳои гидроэнергетикӣ буда, аз рӯи бузургии ҳаҷми умумии онҳо дар ҷаҳон ҷойи 8-ум ва аз рӯи ҳаҷми қиёсии захираҳо (ба ҳар сариаҳолӣ ва ба ҳар 1 км. ҳудуд) ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Захираи умумии солонаи потенсиалии энергияи барқи обӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 527 млрд. кВт. соатро ташкил медиҳад, ки аз ин танҳо зиёда аз 5-7 % мавриди истифода қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки дарёҳои Тоҷикистон манбаи асосии пуршавии баҳри Арал ба шумор мераванд. Дарёи Аму серобтарин дарёи Осиёи Миёна мебошад. Дарозии он 2325 километрро ташкил дода, аз шимоли қаторкӯҳҳои (қаламрави Афғонистон) аз пиряхҳо ибтидо мегирад. Дарё дар болообаш Вахчер ном дорад. Ҳангоми бурида гузаштани пешкӯҳи ҷанубу ғарбии қаторкӯҳи Вахон ба худ номи дарёи Вахонро мегирад. Дарозии дарёи Вахчер бо дарёи Вахон то ба дарёи Помир ҳамроҳ шуданаш 120 км-ро ташкил медиҳад. Баъд аз пайваст шудан бо дарёи Помир онро дарёи Панҷ меноманд. Дар мавзеи бо ҳам пайваст шуданаш бо дарёи Вахш хеле пуроб мегардад ва дар ин ҷо Амударё ташкил меёбад. Амударё ва шохоби он Панҷ ҳудуди қисми ҷанубии ҷумҳуриро аз давлати ҳамсояи Афғонистон ҷудо менамояд. Калонтарин ва пуробтарин шохобҳои Амударё дарёҳои Панҷ ва Вахш ба ҳисоб мераванд. Дарозии дарёи Панҷ 921 км-ро ташкил медиҳад.

Ҳавзаи обҷамъкунии ин дарёҳо васеъ мебошанд. Аз ҷумла масоҳати ҳавзаи дарёи Панҷ 114000 км2 буда, аз маҷрои он дар як сол 35 км3 об ҷорӣ мешавад. Дарёи Вахш дарозтарин шохоби Амударё буда, дарёи байнисарҳадӣ ба ҳисоб намеравад. Дарозии дарёи Вахш 643 километр буда, масоҳати ҳавзаи он 1740 км2-ро ташкил медиҳад. Мавҷудияти релеф, маҳаллу иқлими хоси минтақа яке аз сабабҳои асосии серобию тезобии дарёи Вахш гардидааст. Чунин шароит имкон фароҳам овардааст, ки аз 1 км маҷрои дарёи Вахш 13 ҳазор киловатт неруи барқ ҳосил карда шавад. Иқтидори энергетикии дарёи Вахш 75%-и захираи неруи барқи ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ сатҳи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дар масъалаи тақсимот ва истифодабарии об то ҳол ба дараҷаи зарурӣ қарор надорад. Вазъияти об дар ин минтақа ғайриоддӣ аст: об гӯё бисёр аст, аммо дар айни замон камӣ мекунад. Проблема дар он аст, ки об аксар вақт исрофкорона сарф карда мешавад.



Майдони замини обёришудаи ин минтақа аз соли 1960 то соли 1990 ба миқдори 65% афзуда, аҳолӣ аз 14 млн нафар ба 50 млн нафар расидааст ва талаботи солона нисбати об аз 60 то 120 км3 зиёд шудааст, пас маълум мешавад, ки вазъияти таъминоти аҳолӣ бо об, аз он ҷумла оби нушокӣ боз ҳам мушкилтар гардидааст. То соли 1965 ҳамаи заминҳои корами обии минтақа 4,5 млн. гаро ташкил медод. Дар он 50-54 км3 об дар як сол сарф мегардид, ки ин ба 11-12 ҳазор м3/га рост меомад.

Дар солҳои 1965-1985 боз 2,5 млн. га заминҳои нав аз худ гардид. Масоҳати заминҳои аз худ гардида дар кишварҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 1,5 маротиба, дар Қирғизистон 1,7 ва Туркманистон 2,4 маротиба зиёд гардид. Масрафи об дар заминҳо ба ҷои 30 км3 – дар як сол ба 60 км3 дар як сол баробар шуда, дар маҷмӯъ ба 110-114 км3 дар як сол баробар шуд, ки ин ба ними ҳаҷми миёнаи солонаи обҳои Сирдарё ва Амударё баробар аст. Ҳамаи ин корҳо бо мақсади ҳарчи бештар истеҳсол кардани пахтаи арзон ба роҳ монда шуда буд.

Ҳамаи ин ба он оварда расонд, ки воридоти об ба баҳри Арал кам гардида, дар натиҷа оби баҳр кам шуд. Соли 1960 майдони умумии баҳри Арал 67 ҳазор км2 ва ҳаҷми оби он ба 1062 км3 баробар меомад. Ҳоло бошад майдони баҳр 30 ҳазор км2 ва ҳаҷми оби он ҳамагӣ 20 км3-ро ташкил медиҳад. Таркиби минералии об аз 11 г/л то 40 г/л афзудааст.

Хушкидани баҳри Арал ба шароити зиндагии 35 млн нафар аҳолии ҳавза таъсири манфӣ расонид. Сатҳи оби баҳр айни ҳол 37 метр паст рафта ва сатҳи хушкшуда 40 ҳазор км2-ро ташкил медиҳад. Дар масоҳати 3,5 – млн/га биёбони сершӯра ба вуҷуд омадааст, ки дар натиҷаи боду шамолҳои сахт чангу ғубори он дар фазо паҳн гашта, боқии он пас ба замин мерезад.



Шоҳрух САФАРОВ
донишҷӯи соли 4

Проблемаҳои ҳавзаи Арал натанҳо ба экосистемаи минтақаҳои назди Арал, балки ба минтақаҳои кӯҳистон низ таъсири манфии худро расонид. Дар оянда бо муътадил шудани вазъи сиёсӣ дар Афғонистон дар онҷо талабот нисбати об афзудан мегирад. Чун дар ин минтақаҳо об ниҳоят зиёд сарф мешавад, норасоии об дар ин ҷо як омили маҳдудкунандаи пешравии иқтисодӣ шуда мемонад. Сарчашмаи асосии таъминоти обии қисми шимолии Афғонистон ба Амударё рост меояд. Дар ин вазъият бехатарии экологӣ ва об барои мамлакатҳои Осиёи Миёна моҳияти махсус пайдо мекунад.

Ҷабҳаҳои зерин ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур шуда метавонанд:

1. Истифодаи технологияи муосир (коркарди дубораи об);
2. Сарфакорӣ (истифодаи сарфаҷӯёнаи об);
3. Тарбия (оид ба истифодаи самараноки захираҳои обӣ);
4. Истифодаи самараноки обҳои сарҳадгузари рӯизаминии минтақа;
5. Ташкил кардани системаи ягонаи байнидавлатӣ барои муҳофизати иншоотҳои обӣ аз ҳамагуна хатарҳо.

# ТАҲДИДИ ХАТАРҲОИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ



Аҳмад НИГМАТОВ
донишҷӯи соли 4

Ифротгароӣ ҳамчун пайравӣ ба ақида ва амалҳои чапгарое мебошад ки меъёрҳо ва қоидаҳои дар ҷомеа мавҷудбударо қатъиян рад мекунад. Солҳои охир терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст.

Имрӯз оромиву суботи ҷомеаи ҷаҳониро ташкилу ташаккули гурӯҳҳои террористию экстремистӣ таҳдид менамояд. Барои муқобилият бо терроризму экстремизм ва пешгирии онҳо ҷанбаи ҷиноятии ин зуҳуротҳоро донистан зарур аст.

Истилоҳи «терроризм» аз калимаи лотинии «terror» гирифта шуда, маъноаш «тарс даҳшат»-ро дорад. Яъне зӯроварии мунтазам дар сиёсат дар лаҳзаҳои бештар зиддиятнок ва муборизаи шадид истифода карда мешавад ва барои ин ё он тартибот ё ҳаракати сиёсӣ бисёр хатарнок аст.

Дар қ. 1 м. 179-и Кодекси ҷиноятии ЧТ мафҳуми терроризм чунин дарҷ гардидааст: содир намудани таркиш сӯхтор тирпарронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре ки боиси хавфи марги одамон расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо, мавриди истифода қарор гирифтааст.

Қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии ЧТ дар фасли 8-ум, ки ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ ном гирифтааст, дар боби 21-ум, яъне ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ, инчунин дар фасли 13 ва 15 якчанд номгӯи ҷиноятҳои хусусияти террористидоштаро пешбинӣ намудааст.

Мафҳуми экстремизм (ифротгароӣ) дар Қонуни ЧТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри соли 2003 муайян карда шудааст, ки тибқи он экстремизм ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноороми, дигаргунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва аз худ намудани салоҳиятҳои он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ-мазҳабӣ мебошад.

Экстремизм гуногуншакл буда, мақсади он низ ба тарзи гуногун дар ҷомеа паҳн мегардад. Мақсади онҳо – моддӣ, идеологӣ, хоҳиши дигаргунсозӣ, қонеъ нагардидан аз вазъияти воқеӣ, ҳокимиятдорӣ бар одамон, тағйир додани сохти конститутсионии давлат, ноором сохтани салоҳиятҳои ҳокимият, душманӣ, бадбинӣ ва ғараз мебошанд.

Терроризм ва экстремизм аз мафҳумҳое мебошанд, ки дар олами муосир ҳам мавриди истифодаи одамони оддӣ ва ҳам сиёсатмадорони сатҳи гуногун қарор гирифтааст. Аммо ба ҳама саъю кӯшишҳои давлату ҳукумат нигоҳ накарда, дар ҷомеаи имрӯза падидаҳои манфие низ ба монанди гаравидани ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои бегона, даст задан ба ҷиноятҳои дорои характери террористиву экстремистӣ дошта ва дигар намуди ҷиноятҳо ба чашм мерасад, ки ин аз шуури паст ва тарбияи нодуруст гирифтани онҳо далолат мекунад. Чӣ тавре ки сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд «зиракии сиёсии ҷавонон ва кулли мардуми Тоҷикистон омили амнияти миллӣ, худшиносии миллӣ, дарки ҳисси ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, хештаншиносӣ ва волоияти қонунҳо мебошад». Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олии ЧТ бори дигар таъкид намуданд, ки «терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар аъмоли он гуруҳ аст, ки терроризм ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба ҷони ҳар як сокини сайёра аст». Мо бояд ҳамеша ба суханони Пешвои миллат пайравӣ намуда, терроризм ва экстремизмро шадидан маҳкум намоем ва барои ҳифзи якпорчагии ин Ватани биҳиштосоямон ҳамеша омода бошем ва сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаи Пешвои миллатамонро ҳамеша дастгирӣ намоем.

# ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ТАНДУРУСТӢ

**Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо давлатҳову ташкилотҳои хориҷӣ натиҷаи сиёсати дурусти давлатдорӣ ба шумор меравад. Албатта, бе ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, имконияти рушду тараққиёти давлат кам гардида, мо ба ҳадафҳои ниҳоии худ расида наметавонем. Чунки асри ҷаҳонишавӣ тақозои онро менамояд, ки давлатҳо ба таври муташаккилона ҳамкориҳоро ба роҳ монда манфиатҳои якдигарро ҳифз намоянд.**

Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳиб гардидани истиқлолияти комил ҳамкориҳои ҳамаҷонибаро бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба роҳ мондааст, ба монанди СММ, ИА, ИДМ, САҲА, СҲШ ва ғайраҳо. Яке аз чунин созмонҳои минтақавӣ дар қисмати Аврупо ин Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки ҳамкории густурдаро дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ бо ҶТ ба роҳ мондааст.

Иттиҳоди Аврупо ба ақидаи мутахассисон донори бузургтарини дунё ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бештарин ҳиссаи ёрии дутарафаро дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои дастгирии барномаҳои секторӣ, ёрии техникӣ ва грантӣ соҳиб мешавад. Ин ёрӣ ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, пешрави тандурустӣ ва сектори хусусӣ равона карда мешавад. Тоҷикистон, ҳамчунин аз ёрии минтақавӣ ва мавзӯӣ дар чунин соҳаҳо, ба мисли назорати сарҳадӣ ва мубориза алайҳи нашъаҷаллобӣ (BOMCA/CADAP), маориф (TEMPUS, Erasmus Mundus), об, муҳити атроф, муҳоҷират, ҳуқуқи башар ва демократия (EIDHR), созторҳои ғайридавлатӣ (NSA) ва тараққиёти муассисаҳои хурд ва миёна (CA-Invest) бархӯрдор аст.

Барномаи дигар ТЕМПУС мебошад, ки ҳамкории Тоҷикистонро бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи маориф ба танзим медарорад. Қарор оид ба ифтитоҳи барномаи ТЕМПУС 7 майи соли 1990 аз ҷониби Шӯрои ИА қабул гардида, мақсади он расонидани ёрӣ ба ҷумҳуриҳои ИҶШС дар низоми маълумоти олӣ бо роҳи ҳавасмандгардонии донишҷӯёну устодон, таҳияи барномаҳои таълимӣ, замонавӣ гардонидани зерсохторҳои таълимӣ ва ғайра ба ҳисоб мерафт.

Ҳамкориҳои ҶТ бо ИА аз соли 2000 оғоз гардида, то ба ҳол идома дорад. Соли 2001 ҷаласаи якуми кумитаи муштараки Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо дар доираи созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи тиҷорат ва иқтисодиёт баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, шомил гардидани Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, тиҷорати молҳои нассоҷӣ ба ИА, сармоягузории ИА ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва расонидани ёрии башардӯстона мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Бо мақсади инкишоф ва мустаҳкам намудани ҳамкориҳо соли 2001 дар шаҳри Брюссели давлати Белгия намояндагии доимии ҶТ бо ИА ифтитоҳ ёфт. Соли 2004 бошад, Комиссияи Аврупоӣ қарор оид ба ифтитоҳи намояндагии худро дар ҶТ қабул намуд.

То ба тасвиб расидани Созишномаи шарикиву ҳамкорӣ 11 октябри соли 2004 ҶТ бо ИА «Созишномаи муваққатӣ оид ба тиҷорат ва масъалаҳои тиҷоратӣ байни Ҷомеаи Аврупо, Ҷомеаи Аврупоии энергияи атомӣ, аз як тараф ва аз тарафи дигар, Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд созишномаи муваққатӣ)» ба имзо расонида шуд. Мақсади асосии созишномаи муваққатӣ ин таъмини амалишавии Созишномаи шарикиву ҳамкорӣ байни ҶТ ва ИА оид ба тиҷорат ва масъалаҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб мерафт.

Ҳамин тариқ, пайдоиши асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкории ҶТ бо ИА аз якчанд марҳилаҳо иборат мебошад. Дар марҳилаи аввал, Созишномаи ҳамкорӣ дар бахши тиҷорат ва иқтисодиёт байни ИҶШС ва Ҷомеаи Аврупо аз соли 1989 баромад мекард, ки ҶТ ба ҳайси яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо ин созмони байналмилалӣ ҳамкорӣ мекард.

ҶТ бо бастани Созишномаи шарикиву ҳамкорӣ аз 11 октябри соли 2004 самтҳои муштараки ҳамкориро дар соҳаи қонунгузорӣ, савдои молҳо ва хизматрасонӣ, ҳамкории саноатӣ, дастгирӣ ва ҳимояи сармоягузорӣ, харидҳои давлатӣ, стандартизатсия ва баҳогузорӣ тибқи стандартҳо, саноати маъданҳои кӯҳӣ, илм ва технология, маориф ва тайёрии касбӣ, хоҷагии кишлоқ ва саноати кишоварзӣ, энергетика, муҳити зист, нақлиёт, телекоммуникатсия ва хизмати почтавӣ, хизматрасонии молиявӣ ва институтҳои андозӣ, хусусигардонии корхонаҳо, тараққиёти минтақавӣ, самти иҷтимоӣ,туризм, корхонаҳои хурд ва миёна, иттилоот ва алоқа, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, масъалаҳои гумрукӣ, ҳамкорӣ дар бахши омор ва илм, иқтисод, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва мубориза бо терроризм муайян карда, айни ҳол ҳамкорӣ карда истодаанд.



Хубоншоҳ УБАЙДОВА
магистри соли 2

Ҳамин тавр, барои расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ дар соҳаи маориф ва тандурустӣ ва баланд бардоштани савияи дониши ҷомеа давлатро зарур аст, ки муносибатҳои худро бо созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба роҳ монад. Бинобар ин, ҶТ бо як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкориҳои судманди худро ба роҳ мондааст, мақсад аз он бозҳам беҳтар кардани шароити таҳсил, муҳайё кардани ҷойҳои нав барои таҳсил, баланд бардоштани сатҳи саводнокии хонандагону донишҷӯён, васеъ намудани сатҳи ҷаҳонбинии онҳо ба шумор меравад.



# ОИЛАИ СОЛИМ – МИЛЛАТИ СОЛИМ

Солҳои охир афзоиши бекоршавии ақди никоҳ боиси нигаронии аҳли ҷомеа гардидааст. Сабабҳои асосии пош хӯрдани оилаҳо, пеш аз ҳама, омода набудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, надоштани фарҳанги оиладорӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, даҳолати падару модар ё хусуру хушдоман ба зиндагии ҷавонон мебошад. Ҳамчунин, истифодаи нодурусти телефонҳои мобилӣ низ боиси рашки онҳо мегардад. Дигар омили ҷудошавии оилаҳо ин гирифтани шаҳрвандии давлатҳои хориҷӣ мебошад. Бо ҳам мувофиқ наомадани табиати хислати навхонадорон низ сабабгори парокандашавии оилаҳо мегардад.



Бо вуҷуди корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ, никоҳи хешовандони наздик ҳоло ҳам идома дорад. Фарзандони носолим ва маъюбе, ки ба дунё меоянд, маҳз аз никоҳи хешутабории наздик ба вуҷуд меоянд. Мувофиқи талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бастани никоҳ байни хешовандони наздик, аз қабили фарзанди бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар, тағо ва ҷиян, амак, бародарзода, хола ва хоҳарзода қатъиян манъ аст.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ ҳам зикр шуд, ки ҳоло дар кишвар зиёда аз 13 ҳазор нафар кӯдаки маъюби то 18 - сола аз ҷониби



Исомиддинҷони МУҲАММАДНАЗАРЗОДА
донишҷӯи соли 4

давлат нигоҳубин мешаванд. Бештари онҳо маъюбони модарзод буда, аз никоҳи хешовандӣ, инчунин, аз волидони нашъаманд ба дунё омадаанд.




# ИСТИҚЛОЛИЯТ – ШУКӮҲУ ШАҲОМАТИ МИЛЛАТ

**Истиқлолият барои тамоми мардуми шарафманди тоҷик як неъмати бебаҳост. Маҳз ҳамин истиқлолият аст, ки мо мардуми тоҷик дар нозу неъмат зиндагӣ дорем. Аслан истиқлол волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст.**

**Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 расман эълон гардид. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик иди муқаддас маҳсуб мешавад.**

Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан, нуру зиё, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба мо мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз овардааст.

Дар паҳнои замонҳо миллати мо аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангин гузашта бошад ҳам, аммо дастовардҳои фарҳанги асил, хувияти миллӣ, забони ноби модарии тоҷикӣ, илму адабиёти оламгирашро нигоҳ доштааст.

Бешак, маҳз чунин тамаддуни пешрафта, суннату оинҳои дорои ҷанбаи ҳаётӣ, тафаккури зиндагисоз ва маърифати баланди аклонии ниёгони мо буд, ки онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарият аз Зардушту Монӣ сар карда, то Рӯдакиву Фирдавсӣ, Ибни Синову Носири Хисрав ва Сайидою Бедил барин садҳо нобиғаҳои илму адабу фарҳангро ба мо миллати бузурги тоҷик офаридааст. Даврони Истиқлолият барои мо имкони вокеӣ фароҳам овард, ки имрӯзу оянда миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, рамзи асолату хувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Тамоми сокинони кишвари азизи мо имрӯз ифтихор доранд, ки бисту хашт сол кабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардидем.

Моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри арбоб Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ ба арсаи сиёсат шахсиятеро баровард, ки дастовардҳои минбаъдаи кишвар ба номи ӯ иртиботи ҳамаҷониба доранд. Аз рӯзи Сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди барӯманди халқ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият асосҳои сохти конститутсионӣ, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллии мо мардуми тоҷдори тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид.

Душвортарин муаммои зарфи бисту хашт сол ин масъалаи истиқлолияти энергетикӣ буд, ки баъди ба низом даровардани сохторҳои ҳокимият роҳбари давлат ҳамарӯза ба он машғул мешуд, ҳамин тавр бо шарофати Пешвои муаззами миллат мо халқи тоҷик ба истиқлолияти энергетикӣ расидем ва аз ин сабаб ҳамаи мо ҷавонон шукри он мекунем, ки дар сари давлати худ чунин Пешвои муаззам дорем.

Истиқлолият ба мо мардуми тоҷик муваффақиятҳои зиёд овард, аз ҷумла суботу оромӣ, ваҳдату ҳамдилӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои густурда бо мамлакатҳои хориҷӣ, сохтмону ободонии кишвар, соҳиб гардидан ба нерӯгоҳҳои бузурги аср – Роғун, Сангтуда 1 ва 2, нақби Анзоб, Истиқлол, Хатлон, Дӯстӣ, ба истифода додани корхонаҳои бузурги саноатӣ, ба анҷом расонидани сохтмони роҳҳои мошингард ва қатора, ки ин ҳама метавонанд барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии кишвар кӯмак расонанд.

Дар баробари ин ҳама дастовардҳо як воқеаи хеле муҳим, ки халқи тоҷик солҳо интизори он буд, ин ба истифода додани НБО-и Роғун аст. Бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат 16 ноябри соли 2018 аввалин чархаи ин иншооти бузург ба кор даромад, ки ин барои тамоми мо ҷавононн бо нангу номус як неъмати бaсо бузург мебошад. Хушбахтона, санаи 9 сентябри соли равон, яъне дар як маврид бо таҷлили рӯзи Истиқлолияти давлатӣ чархаи дуюми НБО-и Роғун ба истифода дода мешавад, ки ин тухфаи Пешвои миллат ба мардуми шарифи мамлакат ба муносибати 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.



**Саидакбар ҚОДИРОВ
донишҷӯи соли 3**

Чунон ки Пешвои миллат дар ҳар як баромади хеш мегӯянд: «Шукронаи давлат кунед, шукронаи миллат кунед, шукрона кунед ки чунин ватани азизу маҳбуб доред» ва ҳамаи мо ҷавононро мебояд, ки шукргузори ин ҳама нозу неъмат бошем ва бо Пешвои миллати худ ифтихор намоем.

Бори дигар ҳамаи Шумо устодони меҳрубон ва тамоми донишҷӯёни азизро бо ин рӯзи бузург – Истиқлолияти давлатӣ ва ба истифода додани чархаи дуюми НБО-и Роғун аз самими қалб табрику муборакбод менамоям ва бигзор ҳамеша ба сӯи ободкориву созандагӣ қадам занед!